ОХИРИН МУСОҲИБА БО САФАРБЕКИ СОЛЕҲ с.7

КОРХОНАИ СЕМЕНТИ ДУШАНБЕ БАСТА МЕШАВАД с.5

“ГОВСУД”. ЧАРО САЙЁРА 6 СОЛ ҲУКМ ГИРИФТ? с.11

ТОҶИКИСТОН

№29 (1540)
19.07.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~

ПРЕЗИДЕНТ ДАР ХОНАИ ХУДО





ДАР ИН ШУМОРА:

МУРОҶИАТ

Ғубор дар оинаи матбуоти тоҷик с.3

ЗАВҚӢ ЗАВҚИЗОДА:

Сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон поён шуд с.2

ҲОҶИЗИЁРАТ

Адои рукни мусалмонӣ ё худнамоишдиҳӣ? с.6

GALLUP:

Тоҷикистон дуюмин кишвари амн дар сайёра с.11

НИГАРОНӢ

Мағзҳои бегона дар косахонаи худӣ с.6

ВАРЗИШ

Сабқати футболбозон барои 10 ҳазор с.15

КАНЗИ ШИФО

Ботулизм. Аз пешгирӣ то табобат с.13

M.O.O. Group

СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

Маҷмааи бисёрфункционалии “Ҳисор мол” бо ҷойгирониии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ “ҲИСОР МОЛ” ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ БЕ ЯГОН ФОИЗИ ИЛОВАГӢ СУПОРЕД

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ
- Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновариии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 (372) 221-85-85 +992 887-00-31-33 | 00-277-33-55 | 301-99-99-99

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

МУРОҶИАТИ РӮЗНОМАНИГОРОН БА ПРЕЗИДЕНТ

Субҳи рӯзи 18-уми июл муроҷиатномаи чанде аз созмонҳои рӯзноманигорӣ ва рӯзноманигорони тоҷик ба Дастгоҳи президенти Тоҷикистон ва Прокуратураи генералӣ нашр шуд.

Муаллифони ин мурочиатнома нигаронии худро аз шеваи баргузории нишастҳои матбуотӣ аз сӯи вазорату идораҳои кишвар баён кардаанд. Зикр мегардад, ки ин амали онҳо нодида гирифтани фармонҳои роҳбари давлат ва қонунҳои амалкунанда дар самти дастрасӣ ба иттилоот аст.

Нишастҳои матбуотии вазорату ниҳодҳои давлатӣ дар Тоҷикистон рӯзи 26-уми июл оғоз шуда, то 15-уми август идома хоҳанд кард.

Дар ин мурочиатнома ҳамчунин аз баргузор накардани нишастҳои матбуотӣ аз сӯи ниҳодҳои қудрativу калидии Тоҷикистон дар ҳолатҳои ғайриоддӣ, фавқулода ва изтирорӣ, талаби дархости хаттӣ барои посух гуфтан ба одитарин саволи рӯзноманигорон аз сӯи ниҳодҳои расмӣ, дастнорас будани вазирону раисон барои рӯзноманигорон ва дар маҷмуъ, нақзи баргузории нишастҳои матбуотӣ ва таъмини дастрасӣ ба иттилоот аз сӯи тамоми ниҳодҳои давлатӣ нигаронӣ шудааст.

КОҲИШИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода рӯзи 17-уми июл дар Ню-Йорк дар форуми сатҳи баланди вазирон оид ба рушди устувор дар мавзӯи "Фароҳам овардани имконият барои гузаронидани саммити Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)" гуфтааст, ки мизони камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз 31 дарсади соли 2015 то 22,5 дарсади соли 2022 коҳиш ёфт.

Номбурда зикр кардааст, ки даромади аҳолӣ дар панҷ соли охир 2,1 баробар афзуда, рушди миёнаи солонаи иқтисодӣ 7,3 дарсадро ташкил медиҳад.

Вазир ин дастовардҳоро ба татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои чорабиниҳои зиддибуҳронӣ рабт додааст.

ВАО МУҚОБИЛИ КОРРУПСИЯ

Дар Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявӣ дар самти тарғиботи зиддикоррупсионӣ эълон карда шуд.

Дар ин бора Вазорати фарҳанги Тоҷикистон иттилоъ дода, афзуд, ки озмун таҳти унвони "Васоити ахбори омма муқобили коррупсия" баргузор мешавад.

Вазорат ният дорад, ки озмуни мазкурро моҳи декабри соли равон ҷамъбаст намояд.

"Ба озмун мақолаҳое роҳ меёбанд, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳои марказии ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва мустақили Тоҷикистон дар давоми сол дар мавзӯи мубориза бо коррупсия нашр гардидаанд",- омадааст дар эълон.

Таъкид шудааст, ки барои ҷои якум мукофотпулӣ дар ҳаҷми 7 ҳазор сомонӣ ва барои ҷойҳои дуюму сеюм 4 ҳазор сомонӣ ва 2 ҳазор сомонӣ мукофот пешбинӣ шудааст.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН



МАВСУМА МУИНӢ БА ПАРЛУМОН ОМАД

Мавсума Муинӣ, собиқ раиси шаҳри Бӯстон, ки аз ҷониби Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон ба интихоботи миёнадаврӣ дар Хуҷанд пешбарӣ шуд, пирӯз гардид.

Ба иттилои Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон, Муинӣ, номзади пешбаринамудаи кумитаи шаҳрии ҳизб дар Рӯзи интихобот бо гирифтани 63,7%-и райъи интихобкунандагон вакили Маҷлиси намояндагон шуд.

Манбаъ вакили тозаинтихобро аз ҳар ҷиҳат лоиқи ин ном ва мансаби олӣ хонда, ӯро ҳамчунин соҳибмаърифату баландихтисос, забондону сухандон, обрӯманду соҳиби хислатҳои баланди инсонӣ ва дар байни мардум намунаи ибрат муаррифӣ кардааст.

Мавриди ба зикр аст, ки чанде пеш Президенти кишвар бо имзои як фармон Мавсума Муиниро аз вазифаи раиси шаҳри Бӯстони вилояти Суғд озод кард ва ба ҷойи ӯ Ғафforзода Нигорахонро таъйин намуд.

САРИ САБЗ



Ҳафиз РАҲМОН, донишманди тоҷик

- "Шоиру нависанда эҷод мекунад ва ҷомеа он таълифотро қабул менамояд ва ё намепазирад. Яъне офаридгори ҳар асар муаллифаш аст ва офаридгори тақдири он - ҷомеа". Тақрибан ҳамин гуна назар дорад Виктор Ҳуго, адиби номвари франсавӣ.

- Ҳааа, ана гап дар куҷо будааст! Маълум мешавад, ки аксари шоиру нависандаҳои мо ҳам офаридгори таълифот ва ҳам офаридгори тақдири таълифоти худ будаанд!



Шукрулло НАБИЕВ, тоҷики муқими Дубай

- Аз Россия дида барои ман ҳазор маротиба Дубай хуб аст. Хӯрокро дар вақту соаташ медиҳанд. Маошро бошад, то ҳол дер надодаанд, ҳамчунин ягон маротиба кам нагирифтаам. Агар дар вақти кор ягон хато кардӣ, ҳеҷ гоҳ ба сарат дод намезананду ҷарима намебанданд.

- Ба пеш, рафиқ, ба пеш! Чунин ҷойи корро аз даст надиҳед! Чунинашро аз куҷо меёбед, ки ҳам хато кунеду ҳам хӯроку маошро дар вақту соаташ диҳанд?



Сулаймон САФАРОВ, қаҳрамони "Ишқ-Пул-Душанбе"

- Дар нақше риши дарози семетра доштан лозим меояд ё дар як қисми дигари филм ноҳуни дарози дарунаш ифлос бояд бошад. Алҳол ба як лоиҳаи бузург даъват шудааму нақшеро ба ман гузоштаанд, ки дар он бояд мӯйи сар ва риши дароз дошта бошам.

- Ҳмммм, "ояндаам вазнин аст" гуфтан гиред. Хайр, ба ҳар ҳол, аз шумо ноҳуни дарози дарунаш ифлос талаб накардаанд. Агар талаб кунанд, метавонед ноҳуни сунъӣ гузоред.

ПРЕЗИДЕНТ ДАР ХОНАИ ХУДО

19-УМИ ИЮЛ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ШАҲРИ МАККАИ МУКАРРАМА ҚИБЛАИ МУСУЛМОНОН - КАЪБАРО ЗИЁРАТ НАМУД. ЁДОВАР МЕШАВЕМ, БОРИ ПАНҶУМ АСТ, КИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН КАЪБАРО ЗИЁРАТ МЕКУНАД.



Осиёи Марказӣ ва кишварҳои халиҷ

18-уми июл Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади иштирок дар ҳамоиши нахустини Шӯрои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ вориди шаҳри Ҷиддаи Подшоҳии Арабистони Саудӣ шуд.

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Ҷидда ба номи Шоҳ Абдулазиз Эмомалӣ Раҳмонро Амири музофоти Маккаи Мукаррама, мушовири Шоҳи Арабистони Саудӣ Шоҳзода Холид ал-Файсал пешвоз гирифт.

Ба хотири пазироии меҳмони олиқадр саҳни фурудгоҳ идона ороста шуда, аз ду канори роҳрави махсус аскарони Қаровули фахрӣ саф кашида буданд.

Эмомалӣ Раҳмон санаи 19-уми июл дар шаҳри Ҷидда дар ҳамоиши нахустини Шӯрои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ иштирок ва суханронӣ намуд.

Дар доираи ин сафар ҳамчунин мулоқоти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Валиаҳди Подшоҳи Арабистони Саудӣ Шайх Муҳаммад ибн Салмон ва дигар намояндагони воломақоми Подшоҳии Арабистони Саудӣ доир гардид.



Зиёрати Каъбатуллоҳ

19-уми июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қабл аз иштирок дар нахустин вохӯрии Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ аз шаҳри Ҷидда ба шаҳри Маккаи Подшоҳии Арабистони Саудӣ сафар кард ва қиблаи мусулмонон - Каъбаро зиёрат намуд.

“Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон либоси хоси маросими ҳаҷ - эҳромро ба бар карда, вориди хонаи Худо гардида, дохили Каъбатуллоҳ 2 ракъат намози нафл хонданд”,- менависад хадамоти матбуоти Сарвари давлат.

Бино ба иттилои манбаъ, Эмомалӣ Раҳмон ва ҳайати ҳамроҳи ӯ бо 7 маротиба давр задан дар гирди хонаи Каъба, яъне тавофи қиблаи мусулмонро дар рӯйи замин ба ҷо оварданд.

“Пас аз тавофи хонаи Каъба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пушти мақоми пайғамбар Иброҳими Халилуллоҳ, ки дар як паҳлуи Каъбатуллоҳ аст, 2 ракъат намози нафл хонданд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳайати ҳамроҳ пас аз адои намоз барои пешрафту шукуфоии ояндаи Тоҷикистон - хонаи умеди ҳамаи тоҷикони ҷаҳон ва сарҷамъию осудагии мардуми шарифи тоҷик дуои хайр намуданд”,- менависад хадамоти матбуоти Президенти кишвар.

Бино ба навиштаи манбаъ, Пешвои миллат дар назди чоҳи Замзам бо як ҷаҳон орзуву ниятҳои нек аз оби Замзам нӯши ҷон намуда, ба пояи кухи Сафо баромаданд, то дар саъйгоҳ, яъне миёни кухҳои Сафо ва Марва 7 маротиба равуо кунанд. 4 бор аз Сафо то Марва ва се бор баръакс ҳаракат бояд кард.

“Баъди анҷоми саъй дар пояи кухи Марва мӯйи сар бояд тарошида ё кӯтоҳ карда шавад. Бо амалӣ намудани ин рукн маросими умраи ҳайати Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷом ёфт. Бояд гуфт, ки ин зиёрат дафъаи панҷум ҷараён мегирад”,- менависад манбаъ.

Мавриди зикр аст, ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид, ки то имрӯз се маротиба ба дохили хонаи рамзии Худо - Каъбатуллоҳ ворид шуда, намоз гузорад.

ҒУБОР ДАР ОИНАИ МАТБУОТИ ТОҶИК

МУРОҶИАТ:
ба Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон
Зиннатуллоҳ Исмоилзода,
ба Раиси Шӯрои ВАО
Ҳуринисо Ализода,
ба Раиси Ассотсиатсияи миллии васоити ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон
Нуриддин Қаршибоев

Чандест, ки фазои ҷомеаи журналистии Тоҷикистон ғуборолуд аст. Ин ғубор на танҳо ойинаи софи рӯзномаю рӯзноманигориро тира месозад, балки эътибори онро дар миёни мардум ва институтҳои иҷтимоӣ коста мегардонад.

Роҳ ёфтани қаламбадастони ғайрикасбӣ, аз мақому мавқеи худ сӯйистифода кардани рӯзномаю рӯзноманигорони касбӣ боиси аз Қонуни матбуот, аз меъёрҳои ахлоқи рӯзноманигорӣ берун рафтани онҳо, пур гаштани саҳифаҳои интернетӣ аз музахрафот, ба забони кӯчагӣ табдил ёфтани Забони Давлатӣ гаштааст.

Тибқи моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд”.

Мувофиқи моддаи 23-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст”.

Моддаи 19-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар “эҳтироми ҳуқуқ ва обрӯи ашхоси дигар”-ро муқаддас медонад.

Дар Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон омадааст:

Банди 3.7: “Ҳангоми интишори матолиб аз забони хушунат ва суханони нафратангез истифода накунанд”.

Банди 3.8: “Аз истифодаи ибораю истилоҳоти омиёна (жаргон) ва вожаҳои хоси номаҳфум дар матлабҳо худдорӣ намоянд”.

Банди 4.5: “Дар матолиб аз ишора ба нуқсҳои ҷисмонии инсон худдорӣ кунанд”.

Банди 9.1: “Ҳамраъйии касбиро риоя кунанд”.

Моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма” низ дар матбуот интишор кардани маълумотеро, ки сабабгори сӯйистифода аз озодии сухан мегардад, манъ кардааст.

Аз Шумо - Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зиннатуллоҳ Исмоилзода, Раиси Шӯрои ВАО Ҳуринисо Ализода, Раиси АМВАОМТ Нуриддин Қаршибоев чунин муҳити нанговар, ки ба миён омадааст, таваҷҷуҳи бештарро мехоҳад.

Мурочиат ба Шумо ба он хотир аст, ки ҳамаи рӯзномаҳо, ҳама рӯзноманигорон ё узви яке аз ин созмонҳо ҳастанд, ки Шумо роҳбарӣ мекунед, ё бо созмони Шумо ҳамкорӣ доранд.

Барои ҳамин, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш мекунем, ки дар заминаи масъулият ва ваколатҳое, ки ба дӯшатон гузошта шудааст, амал намоед, худро канор нагиред ва нагузоред, ки фазои иттилоотии Тоҷикистон ғуборолуд гардад.

Бо эҳтиром,
Pressa.tj

БМТ: МО ДАР ҲАМБАСТАГӢ БОЯД РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТАИ МАМЛАКАТРО ТАЪМИН НАМОЕМ

17-уми июли соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон таҳти раёсати муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо иштироки роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ, Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон ва масъулини воҳидҳои сохтории Бонк ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2023 баргузор гардид.







Зимни ифтитоҳи чорабинӣ муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода қайд кард, ки новобаста аз таъсири манфии як қатор рӯйдоду пайомадҳои ногувор, ки боиси коҳиш ёфтани рушди воқеии иқтисодиёти ҷаҳон ва афзоиши бесобиқаи таваррум дар кишварҳои тараққикарда гардидааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кам кардани таъсири манфии ин омилҳои беруна ба иқтисодиёти миллӣ чораҳои амалӣ андешид, ки дар натиҷа нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, аз ҷумла нишондиҳандаҳои бозори суғурта дар ин давра мусбат ҷамъбаст гардиданд.

- Роҳбарияти кишвар,- афзуд ӯ,- ба рушди бозори суғурта диққати махсус зоҳир намуда, барои ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани санаду меъёрҳои ҳуқуқии он пайваста дастуру супоришҳои мушаххас медиҳад. Айни замон аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ барои рушди соҳа татбиқи 3 лоиҳаи кумакҳои техникӣ оид ба масъалаҳои ҷорӣ намудани раванди муосири ҳисоботдиҳӣ ва таҳлили оморӣ, таҳияи Стратегияи рушди миёнамуҳлати соҳаи суғурта, баланд бардоштани иқтидори касбии мақоми назоратӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ татбиқ шуда истодааст.

Таъкид карда шуд, ки барои расидан ба ҳадафҳои муайяннамудаи Ҳукумати кишвар, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини рушди бозори суғурта тамоми имкониятҳои мавҷударо истифода намуда, тадбирҳои саривақтӣ ва самаранок меандешад.

Аз ҷумла, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, аз 22-юми июни соли 2023, №586, аз 1-уми августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ (хизматрасониҳои музднок) тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад.

Бинобар ин, масъалаи ба таври ғайринақдӣ ба роҳ мондани амалиётҳо аз рӯйи маблағҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ бевосита ба зиммаи КВД “Тоҷиксуғурта” вогузор шудааст.

Дар мавриди мустаҳкам намудани заминаи қонунӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳамаи тадбирҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд. Дар давраи ҳисоботӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон муяссар гардид, ки таҳлили молиявии ташкилотҳои суғуртавиро дар алоҳидагӣ аз рӯи Принсипҳои асосии суғурта анҷом диҳад.

Вобаста ба ин, бо мақсади таъмини шаффофият ва эътимоднокии амалиётҳо шакли нави автоматикунонидашудаи ҳисоботҳои молиявӣ аз рӯи стандартҳои байналмилалӣ таҳия гардида, лоиҳаи пилотии он барои баррасӣ ва истифода ба ташкилотҳои суғуртавӣ равон карда шуд.

Фирдавс Толибзода таъкид бар он дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон омода аст ҷиҳати ҳалли мушкилоти ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ дар доираи ваколатҳои худ мусоидат намуда, бо амалигардонии мониторинги доимии фаъолияти бозори суғурта ислоҳоти сохторию солимгардонии онро дар нимсолаи дуюми соли 2023 давом диҳад.

Сипас, сардори идораи назорати суғуртавӣ Дилбар Ҳусейнова дар мавзӯи “Вазъи бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2023” бо рӯнамои муфассал баромад намуда, иштирокдоронро бо натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар нимсолаи якуми соли 2023, аз ҷумла сохтори низоми суғурта, дороиҳо, уҳдадориҳои тавозунӣ, сармояи худӣ, сармояи оинномавӣ, воридоти мукофоти (ҳақи) суғуртавӣ, мукофоти (ҳақи) суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта, саҳми мукофоти суғуртавӣ аз рӯи намудҳои суғурта дар нимсолаи якуми соли 2023 шинос намуд. Мавсуф қайд кард, ки дар давраи ҳисоботӣ дороиҳои низом нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 33,3 фоиз, сармояи умумӣ 21,4 фоиз, сармояи оинномавӣ 19,3 фоиз, захираҳои суғуртавӣ 57,9 фоиз, мукофотҳои суғуртавӣ 19,1 фоиз ва пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 36,5 фоиз зиёд гардиданд. Дар маҷмуъ, дар нимсолаи якуми соли 2023 тибқи маълумотҳо дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявӣ 2,2 фоизро ташкил намуда, нисбат ба ММД бошад, ба 0,6 фоиз баробар шуд.

“Новобаста аз ноил шудан ба натиҷаҳои мусбат,- таъкид дошт Д. Ҳусейнова,- ташкилотҳои суғуртавӣ бо роҳи таъмини фаъолияти шаффоф ва устувор намудани вазъи молиявӣ бояд саҳми худро ба рушди иқтисодиёти мамлакат расонанд”.

Дар идома, Фирдавс Толибзода ба роҳбарони як қатор ташкилотҳои суғуртавӣ ва Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди саривақтӣ ва босифати ҳисоботҳо, гузаронидани аудити беруна, татбиқи таъинотҳои Бонки миллии Тоҷикистон, иҷрои нақша-чорабиниҳои тасдиқшуда, амалӣ намудани низоми автоматикунонии фаъолият ва ислоҳи камбудиҳои ошкоршуда супоришҳо дод.

Дар бахши ҷамъбастии ҷаласаи зикршуда муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дар назди ташкилотҳои суғуртавӣ ва Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавӣ вазифаҳои мушаххас, аз қабили насб намудани низоми автоматикунонидашудаи пешбурди ҳисобдорӣ, таҳия ва тасдиқ намудани “Сиёсати ҳисобдорӣ”, риояи тартиби ташаккулдиҳии захираҳои суғуртавӣ, риояи талаботҳои қонунгузории соҳавӣ, вусъат додани амалиётҳои ғайринақдӣ ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, аз 22-юми июни соли 2023, №586, зиёд намудани ҳиссаи пардохту чубронҳои суғуртавӣ ва бештар намудани корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ гузошт, ки дар амал татбиқ намудани онҳо ба раванди рушди минбаъдаи соҳа вусъат мебахшад.

Ҳамчунин, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, роҳбарияти ташкилотҳои суғуртавӣ вазифадор гардиданд, ки саривақт чораҳои таъхирнопазир андешида, меъёрҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаро дар фаъолияти худ мунтазам пайгирӣ намоянд ва барои ҳалли мушкилоти мавҷуда, пеш аз ҳама риояи ҳатмии меъёрҳои қонунгузорӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Дар фарҷоми ҷаласа Фирдавс Толибзода аз аҳли нишаст даъват ба амал оварда, иброз намуд, ки барои амалӣ намудани нақшаҳо ва вазифаҳои гузошташуда ҳамаи моро зарур аст, ки ба ҳайси узви ҷудонашавандаи ин низом дар ҳамбастагӣ рушди бозори суғуртаи мамлакатро таъмин намоем.

Шуъбаи матбуоти БМТ

Дастур

КОРХОНАИ СЕМЕНТИ ДУШАНБЕ БАСТА МЕШАВАД

Ҳукумати Тоҷикистон дастур додааст, ки фаъолияти корхонаи истеҳсоли сементи шаҳри Душанбе то охири имсол боздошта шавад, зеро ҳавои шаҳри Душанберо бисёр олуда мекунад.



Хабаргузории “Ховар”, ки аз ҷаласаи васеи Ҳукумати Тоҷикистон дар ин бора хабар дод, менависад, ки “ҳадафи ин тасмим, пеш аз ҳама, софу беғубор нигоҳ доштани фазои экологии пойтахт, шаҳри Душанбест. Зеро корхонаи мазкур, ки солҳои 40-уми асри гузашта сохта шудааст, имрӯзҳо умуман ба талабот ҷавобгӯ набуда, таъсири бевоситаи худро ба экологияи шаҳр ва сокинони он расонида истодааст. Гузашта аз ин, тамоми дастгоҳ ва таҷҳизоти истеҳсолии корхона фарсуда ва қисман корношоям буда, таъмири он ғайриимкон аст ва ҷараёни истеҳсоли семент дар ин корхона самаранок намебошад”.

Гуфта мешавад, ки агар дар гузашта корхонаи сементи Душанбе бузургтарин ва ҳатто ягона чунин корхона дар ҷумҳурӣ буд, солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва дигар минтақаҳо якчанд корхонаи азими истеҳсоли семент, аз қабили «Хуаксин Ғаюр семент», «Моҳир семент», «Хуаксин Ғаюр - Суғдсемент», «Тоҷ-Чайна» ва ғайра сохта, мавриди истифода қарор дода шуд. “Ҳаҷми иқтидори истеҳсолии корхонаҳои мазкур калон буда, онҳо имконияти васеъ доранд, ки пурра талаботи бозори дохилии мамлакатро бо сементи истеҳсоли худӣ таъмин намуда, содироти маҳсулотро берун аз мамлакат низ ба роҳ монанд”,- гуфта шудааст дар ҷаласаи ҳукумат.

Бино ба иттилои дарёфтӣ, қарор аст, ки дар маҳали корхонаи сементи Душанбе як силсила биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ сохта шаванд.

Хушхабар

ТАНҲО БАРОИ ЗАРФҲОИ ПЛАСТИКӢ



Барои тозагии ҳудуди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия аввалин маротиба дар панҷ мавзеи сераҳолии ноҳия қуттиҳои партов барои зарфҳои пластикӣ гузошта шуданд.

Ҳоло ин қуттиҳои партов барои зарфҳои пластикӣ дар назди «Боғи ҳайвонот», «Кӯли ҷавонон», «Кохи Наврӯз» ва Филармонияи давлатӣ гузошта шудаанд. Ин қуттиҳо махсус барои зарфҳои пластикӣ пешбинӣ гардидаанд. Қуттиҳо дар шакли зарфи пластикӣ сохта шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки қаблан чунин қуттиҳо дар шимоли мамлакат - шаҳри Хуҷанд ва шоҳроҳи Душанбе - Хуҷанд насб гардида буданд, ки таваҷҷуҳи сокинонро ба худ ҷалб намуд. Маротибаи аввал аст, ки чунин қуттиҳо барои зарфҳои пластикӣ дар шаҳри Душанбе насб мегарданд.



Нигаронӣ

ДАР ИН ГАРМО АЗ БЕОБӢ БА ҶОН ОМАДАЕМ!

Як гурӯҳи сокинони кӯчаи Испечак-2-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз он шикоят карданд, ки инак чанд ҳафта боз аз беобӣ дар ин рӯзҳои гармои тоқатфарсои тобистон ба ҷон омадаанд ва аз мақомоти масъули пойтахт хоҳиш мекунанд, ки ба мушкили сокинон ҳарчи зудтар расидагӣ кунанд.

“Аз шумо хоҳиш, 1 ё 2 моҳ шуд, ки дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак-2 ҳар шаб аз соати 22:00 обро қоқ мекунанд. Дар ин фасли гармои тоқатфарсо аз



кор меоем, об нест, ки оббозӣ кунем ва ё либосҳои дар араки бадан тарро бишӯем. Аз масъулини идораи обу корез (“Водоканал”) пурсида мешавад, ки сабаби қоқ кардани об чист? Ва ин ҳол то кай давом мекунад?”,- менависанд сокинони кӯчаи Испечак-2.

Онҳо аз масъулин хостаанд, ки ба мардум дар ин рӯзҳои гармо ҷабр накунанд ва ин мушкилро рафъ намоянд. Умед аст, ки масъулини идораи обу корези шаҳр мушкили оби сокинонро рафъ мекунанд.

Маълумот

САЙРИ ОСОРХОНАҲОИ ДУШАНБЕ

... Дар давраи таътили тобистон мехоҳам фарзандонамро ба ҷойҳое барам, ки ҳам фароғат кунанду ҳам дониш омӯзанд. Табиист, ки чунин макон осорхона аст. Ба ғайр аз Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар пойтахти мо боз кадом осорхонаҳо ҳастанд? Мехоҳам дар ин бора маълумот диҳед.

Рустам ШАРИФОВ,
сокини шаҳри Душанбе

Дар шаҳри Душанбе беш аз 10 осорхона фаъолият мекунанд, ки мо ба шумо дар бораи онҳо маълумоти мухтасар медиҳем.



Осорхонаи миллии Тоҷикистон
Соли таъсис 2013
Хиёбони Исмоили Сомонӣ
Душанбе - якшанбе: 08:00-18:00
(+992 37) 227 86 47



Осорхонаи таърихии Душанбе
Соли таъсис 2022
Майдони Истиқлол
Душанбе - якшанбе: 08:00-20:00
(+992 37) 221 22 29



Осорхонаи миллии бостоншиносӣ
Соли таъсис 1934
Кӯчаи Академикҳо Раҷабовҳо 7
Душанбе - якшанбе: 08:00-17:00
(+992 37) 227 13 50



Осорхонаи мардумшиносии Тоҷикистон
Соли таъсис 1981
Хиёбони И. Сомонӣ 104,
Душанбе - шанбе: 08:00-17:00, якшанбе: 08:00-15:00
(+992 37) 224 04 97



Осорхонаи адабии устод Садриддин Айнӣ
Соли таъсис 1978
Кӯчаи Ҳ. Ҳакимзода 1 (шафати Донишгоҳи омӯзгорӣ)
Душанбе - шанбе: 08:00-17:00, якшанбе: 08:00-15:00
(+992) 915 90 49 39



Хона-музейи Абулқосим Лоҳутӣ
Соли таъсис 1987
Кӯчаи Истаравшан 4
Сешанбе - чумъа: 10:00-16:00
(+992) 93 450 80 84



Хона-музейи Муҳаммадҷон Раҳимӣ
Соли таъсис 1968
Рӯдакӣ 33, бинои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Душанбе - чумъа: 8:00-17:00
(+992 37) 221 03 28



Хона-музейи Мирзо Турсунзода
Соли таъсис 1981
Кӯчаи Мирзо Турсунзода 164
Душанбе - якшанбе: 08:00-17:00
(+992) 91 840 51 20



Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ
Соли таъсис 1991
Кӯчаи Лоиқ Шералӣ 108
Душанбе - якшанбе: 08:00-17:00
(+992) 90 771 40 60



Осорхонаи асбобҳои мусиқии ба номи Гурминҷ Завқибеков
Соли таъсис 1990
Кӯчаи Шота Руставели, гузаргоҳи 1, хонаи 8
Душанбе - якшанбе: 08:00-17:00
(+992 37) 223 32 10



Осорхонаи геологияи Тоҷикистон
Соли таъсис 1947
Кӯчаи Беҳзод 13
Душанбе - якшанбе: 08:00-17:00
(+992 37) 227 27 29

Мушоҳида



ҲОҶИЗИЁРАТ

Адои рукни мусалмонӣ ё худнамоишдиҳӣ

- Ҳоҷибинӣ меравем?,- пешниҳод кард Собир.

- Ин дафъа кӣ ҳоҷӣ шудааст?,- пурсид ӯ.

Собир номи ду нафар ҳамдеҳаро гирифт. Рости гап, маъракаҳои ҳоҷизиёрат ва ҳоҷиталбонро хуш надошт.

Ҳоҷӣ ҳам зиёд шудааст. Касеро бинӣ, "Ҳоҷибобо ё ҳоҷибибӣ" гӯён нисбат ба дигарон эҳтиромро ба ҷо меоранд. Боре нафареро "Ҳоҷибобо" гуфта буд, ки баъди чанд қадам дур шудан аз ҳамроҳаш дар бало монд: "Ту гунаҳгор шудӣ! Вай ба тавофи Каъба нарафтааст. Дигар ин хел нагӯй. Ҳатто ҳаҷи умракардаҳоро ҳам ҳоҷӣ нагӯй!"... боз ба мисли ин гапҳо таънаҳо шунид. Тавба кард, ки касеро дигар бо ин ном ҷеғ намезанад, фақат онҳоеро чунин ном хоҳад бурд, ки дар шиносномааш "Ҳоҷимурод, Ҳоҷисалом, Ҳоҷишариф" барин исмҳо сабт ёфта бошанд.

Нафаре нақл кард, ки аз кишвари мусалмонии хориҷ якеро, ки дар ин ҷо соҳибкорӣ мекард, ба ҳоҷибинӣ бурдаанд. Вай ҳайрон шуда пурсид, ки ин зиёфати пурдабдаба аз баҳри чист? Баъд шунид, ки ҳоҷиро зиёрат мекунанд, бо тааҷҷуб нидо кард: "Ё тавба! Дар мо ҳамсояамон ба тавофи Хонаи Худо меравад, бехабар мемонем, ҳаҷ ҳам намозу рӯза барин як рукни мусалмонист. Ман ҳам зиёрат кардаам, аммо касе маро "ҳоҷӣ" намегӯяд. Аз ҷойи шумо ба ҳаҷ рафтан даркор будааст-да, ин қадар иззату икром мекардаанд-де!".

Қонун дар бораи танзим маъракаҳои ҳоҷизиёрат, ҳоҷиталбон ва ҳоҷиоширо қатъиян манъ мекунад, вале пешвози ҳоҷиён дар доираи оилаву хешовандон мумкин аст. Аҳли деҳа бо ҳам хешу табаранд, рафтем ба ҳоҷибинӣ!

Хонаи хоксоронаи похсагӣ дошт, ҳоҷии поёни деҳа, ду писараш дар муҳоҷирати меҳнатӣ будаанд, ки бо шарофати онҳо ба ин унвон сазовор шудааст, муборакаш бод! Як коса хомшӯрборо бо гӯшти тозаи ҳил-ҳил пухтагӣ нӯши ҷон карданд ва як тасбеҳу арақчин армуғон гирифта, ба гӯшаи дигари деҳа раҳсипор шуданд. Дар ин ҷо ҳам баъди муборакбод ва зиёрат қабул гуфтан дохили хонаи салқину бароҳат шуданд, ба пешашон оши палави сергӯшти суп-сурхро гузоштанд. Дастархони пурнозу неъматро тасвир кардан имкон надорад: якум, намехоҳем, ки гулӯи касе ба хориш ояду рефлексҳои шартиву ғайришартияш ба ҷунбиш оянд; дуюм вақт ва сиёҳии бисёр сарф мешавад.

Хеле вақт боз ба ин гӯшаи деҳа наомада буд. Иморати дуошёнаву шишакориву бо истифодаи чанд маводи нав сохташударо дида, даҳонаш боз бонд. Даруни хонаҳо боз ҳам зеботар буданд, ки то ба ҳол ин гуна қасри боҳашаматро надида буд. Дар зери бори гарони таассурот чӣ тавр оши палав ва харбузаву тарбузи лазизро тановул кардааст, дар хотир надорад. Масту гарангу пакар шуда буд. Вақте аз дарвозаи пурнақш ялаққосӣ берун шуд, баногоҳ аз роҳи назди хонаи ҳоҷӣ боло девори вайронаро дид. Дар ҳавлии хурдакаки кулбаяки ҳақиронае бо тори боми хокпӯш зани лоғарандоме бо либоси фарсуда дар болои оташдони хурд дегчаеро гузошта, бо қошуқ даруни онро мекофт. Дар наздаш ду духтарчаи нимӯрён ва писараки хурдсоли луб-лучак истода, интизор буданд. Якбора ҳушёр гашт, хоб буд, бедор шуд.

Аз ҳамон рӯз сар карда ба ҳоҷизиёрат намеравад.

Ҳаким АЛӢ,
деҳаи Ғуриёт, шаҳри Ҳисор

ҲАҶ-2023 БА ПОЁН РАСИД

Имсол ҳам мавсими ҳаҷи фарзӣ ба анҷом расид ва гурӯҳи охирини зоирини тоҷик то охири ҳафта ба Ватан бармегарданд.

Дар 20 соли охир аз саросари ҷаҳон қариб 40 миллион мусулмон барои адо кардани рукни панҷуми дини Ислом ба ҳаҷ сафар кардаанд. Имсол низ теъдоди рекордии зоирон озими Арабистони Саудӣ шуда буданд.

Соли равон беш аз 4 ҳазору 500 мусулмон аз Тоҷикистон барои адо кардани маносики ҳаҷ ба Маккаву Мадина сафар карданд. Дар мавсими имсолаи ҳаҷ беш аз 2 миллиону 600 ҳазор мусулмон аз саросари ҷаҳон барои гузоштани ҳаҷи фарзӣ ба Арабистони Саудӣ сафар кардаанд. Ин омор пас аз пандемияи коронавирус, нишондиҳандаи рекордӣ ба ҳисоб меравад.

ТАЪРИХИ ХАТЛОН АЗ НИГОҲИ ҶОНИБЕКИ АСРОРИЁН

Рисолаи нави олими маъруф ва пуркор Ҷонибек Асрориён бо номи "Достони Нозкӯл" ба тозагӣ нашр шуд. Он таърихи сарзамини таърихии Хатлонро бо далелу ҳовандҳо ба хонанда муаррифӣ менамояд.

Ҳамон тавре дар пешнависи китоб мехонем, "бештари матолиб хосияти таҳлилӣ - таҳқиқӣ дошта, аз гузаштаи минтақае пешниҳод шудааст, ки ба хонандаи одӣ дастрас набуд".



Дар рисола аз муборизаи фарзандони сарсупурдаи сарзамин бар зидди истилогарони арабу муғулу турк, аспони шуҳратманди хатлӣ ва анъанаву русуми мардум ҳикоёти дилчасп, маълумоти кофӣ пайдо кардан мумкин аст.

МАҒЗИ БЕГОНА ДАР КОСАХОНАИ ХУДӢ

Номи мағозаҳо, рестораҳҳо, ошхонаҳо, исми одамон башиддат туркӣ шуда истодааст.

Як дӯстам номи писарашро Эмир гузошт, ҳарчанд гуфтам тоҷикиаш Амир аст, Амираш кун, қабул накард, ки Эмир гӯё гӯшнавоз аст.

Тавба, ин миллатро чӣ бало зада бошад?!



МОДАРОНИ ВАҲДАТСАРО?

Ҳоло иқдоме таҳти унвони "Модарони вахдатсаро" дар ҷумҳурӣ ҷараён дорад. Гӯё ҳама ин модарон овозхон ё шоир бошанд. Дурусташ "модарони вахдатсито" будагист.

Ато МИРХОҶА,
адиб

Маориф

ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ДОНИШГОҲИ САНКТ-ПЕТЕРБУРГ



Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург қарор аст барномаҳои таълимӣ барои омӯзиши забон, фарҳанг ва таърихи Тоҷикистон таҳия кунад.

Дар ин бора Николай Кропачев, ректори Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург зимни бастани созишномаи ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон изҳор дошт.

Тавре муовини аввали сардори Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ Ҷамшед Ҷӯразода қайд намуд, ҳамкориҳои Федератсияи Русия ва Тоҷикистон хусусияти стратегӣ дошта, махсусан дар соҳаи маориф фаъолона амалӣ карда мешаванд.

"Мо медонем, ки Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург қадимтарин ва яке аз бонуфузтарин донишгоҳҳои Русия аст. Хеле хушҳолем, ки бо шумо ҳамкорӣ хоҳем кард",- афзуд ӯ.

Дафтари матбуоти донишгоҳ тавзеҳ дод, ки айни замон дар Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург 64 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд.

ДОНИШГОҲИ ПИЗИШКИИ ЭРОН ДАР ДУШАНБЕ

Қарор аст, ки дар ояндаи наздик дар Тоҷикистон шуъбае аз Донишгоҳи пизишкии Шаҳид Биҳиштии Эрон таъсис ёбад.



- Мудири ҳамкориҳои байналмилали Вазорати беҳдошт, дармон ва омӯзиши пизишкӣ Муҳаммадҳусейни Некном дар ҷаласаи муштараки вазири беҳдошти Эрон бо вазири тандурустии Тоҷикистон қайд кард, ки ба зудӣ бахше аз Донишгоҳи улуми пизишкии Шаҳид Биҳиштӣ дар Тоҷикистон таъсис меёбад,- иттилоъ додааст хабаргузории "Садо ва Симо".

"Мо муассисаи омӯзишии байналмилалӣ ба номи "Муътамид" дорем, ки омӯзиши мудирони низомии саломатро бар уҳда дорад ва дар сурати ниёз, мудирони саломати Тоҷикистон метавонанд аз зарфиятҳои ин муассиса истифода кунанд",- афзуд вай.

ИҶОРАИ КИТОБ ҲАМ ҒАЙРИНАҚДӢ МЕШАВАД

Шуруъ аз 1-уми август дар тамоми мактабҳои миёнаи шаҳри Душанбе пардохти маблағи китобҳои дарсӣ аз тарафи падару модарон ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин бора Вазорати маориф ва илми кишвар хабар медиҳад.




Гуфта мешавад, ки дар доираи татбиқ ва иҷрои пардохти ғайринақдии тамоми хизматрасонии пулакии соҳаи маориф "Амонатбонк", "Шаҳри хушманд" (Smart city), "Имон Интернешнл", "Бонки байналмилалии Тоҷикистон", ТАҚҲ "Ҳумо", "Душанбе сити Бонк", "Бонки Эсхата" ва "Тавҳидбонк" замимаву барномаҳои худро пешниҳод намудаанд.

Ёдовар мешавем, ки тибқи фармони президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 22-юми июни соли 2023 "Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳиссоббаробаркунии ғайринақдӣ" шуруъ аз 1-уми август тамоми пардохтҳои ҳатмии давлатӣ дар Тоҷикистон танҳо дар шакли ғайринақдӣ сурат мегирад.

Ин маънои онро дорад, ки пардохти ҳақи хидматрасонии коммуналӣ, тамоми андозҳо, боҷи давлатӣ барои додани иҷозатнома ва литсензия, ҷарима ва дигар намудҳои хидматрасонии давлатӣ танҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ ё ҳамёнҳои мобилӣ сурат мегирад.

Ф. БОБОЕВА



ҶОННИСОРИИ НИСОРИ АФҒОН БАРОИ ТОҶИКОН

Охирин суҳбат бо Сафарбеки Солеҳ

19-уми июл аз даргузашти Сафарбеки Солеҳ (15.09.1959-19.07.2021), коргардон ва филмноманависи маъруфи тоҷик 2 сол мегузарад. Банда 8-уми майи соли 2021 баъд аз нахустнамоиши мустанади "Нисор" дар Хонаи синамои шаҳри Душанбе бо ӯ суҳбате доштам, ки то ба имрӯз нашр нашудааст. Ба хотири гиромидошти руҳи Сафарбеки Солеҳ ин мусоҳибаро пешкаши хонандагон мекунам.

- Пеш аз ҳама, нахустнамоиши мустанади "Нисор"-ро ба шумо табрик мегӯям. Дар ин филм як давраи бисёр ҳассосу муҳим ва аз тарафи дигар сиёҳи таърихи миллати мо бозтоб ёфтааст. Филми шумо таърихи беш аз сад сол пеш, бахусус талошҳои бедареғи фарзандони миллати тоҷик ва ҳам шахсиятҳоеро мисли Нисор Муҳаммад, ки афғон ё паштун аст, барои таъсиси кишваре ба номи Тоҷикистон инъикос кардааст. Аслан ангезаи рӯ овардани шумо ба ин мавзуъ чӣ буд?

- Сипосгузорам. Аслан таърихи даврони шуравии мо ё ба истилоҳ омадани болшевизм ба минтақаи мо, бахусус ба сарзамини мо то ҳоло комил таҳқиқ нашудааст ва мардуми мо, агар ба таври умум бигӯем, аз он даврон тасаввуроти хеле кам ва маҳдуд доранд. Бар асоси таърихи сохтае, ки дар китобҳои замони шуравӣ мехондем, русҳо қаҳрамон буданд, омаданд, моро озод намуданд ва кишварҳои моро рӯ ба рифоҳу рушд карданд. Гӯё ҳама баробарҳуқуқ шуданд, зиндагӣ хубу олӣ шуд ва тамом! Гӯё ҳеҷ таърихи дигаре вуҷуд надорад.

Ман дар ин замина чанд сол таҳқиқ кардам. Агар дар ёд дошта бошед, филми қаблии ман дар бораи Комил Ёрматов буд. Комил Ёрматов ба истилоҳ аввалин шахсе буд, ки ба сурати ҳирфаӣ дар минтақа ба синамо машғул шуд. Ӯ бунёдгузори синамои тоҷик ва ӯзбек аст. Пеш аз ҳама, ӯ як муборизи болшевик, як коммунист ва раиси пулиси як минтақаи бузург дар шимоли Тоҷикистон буд. Пеш аз он ӯ муддате дар ситоди гурӯҳи беш аз 4000-нафарии ба истилоҳ асирони турк кор мекард. Ин асиронро ба хотири наздикии забонашон бо бархе аз қавму миллатҳои минтақа аз Русия ба Бухоро оварда буданд. Онҳо хеле фаъол шуданд ва ҳаракати пантуркистӣ дар Осиёи Миёна авҷ гирифт. Нуктаи ҷолиби таърихи он давра ин аст, ки ба таври умум аксари тоҷикони шаҳрнишин ақидаҳои пантуркистиро пазируфтанд ва ба дунболи идеяҳои пантуркистӣ рафтанд. Онҳо мегуфтанд, чӣ фарқе дорад, мо миллати мусалмонем, аммо турк ҳастем. Инҳо масоили бисёр ҳассос буданд. Агар пофишории Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Нисор Муҳаммад, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Абдуқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов ва чанд тани дигар намебуд, мо имрӯз давлати мустақиле ба номи Тоҷикистон надоштем. Ин афрод бо сароҳат эълом карданд, ки "не, мо тоҷикем".

- Ба назари шумо, хидмати аслии Нисор Муҳаммад барои миллати мо, барои таъсиси кишваре ба номи Тоҷикистон чӣ ҳаст?

- Нисор Муҳаммад як инсони бисёр фарҳехтаву донишманд ва забондон буд ва дар муддати хеле кӯтоҳ забони русиро омӯхт. Ӯ ёздаҳ забонро медонист. Донандаи хуби забону адабиёти форсӣ - тоҷикӣ буд. Бале, дар ёддоштҳояш навиштааст, ки ӯ пахтун, афғон аз Зидде дар водии Сувот ҳаст, ки имрӯза дар қаламрави Покистон воқеъ мебошад. Аммо ба назари ман, ӯ бамаротиб бехтар аз худи тоҷикҳо забону адабиёти онҳоро медонист. Дигар ин ки як инсони фозил ва тарафдори хеле чиддии баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ буд. Баробарии ҳамаи қишрҳои ҷомеа ва идеяҳои коммунистӣ ва сусиёлистӣ барояш хеле муҳим буданд. Ӯ бар ин бовар буд, ки ҳама инсонҳо ҳақ доранд ба тамоми неъматҳои моддӣ ва маънавӣ дастрасӣ дошта бошанд ва дар ин роҳ талошҳои зиёде кард. Хеле муҳим аст бидонем, ки ҳадафи ӯ чӣ буд. Вақте ки дар соли 1924 аввалин дорулмуаллимин дар Тошканд ифтитоҳ шуд, нахустин мудираш Нисор Муҳаммад буд. Соли 1923, вақте ки ҳанӯз Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон таъсис наёфта буд, ӯ ду китоб таҳия кард. Яке аз онҳо "Рӯнамои ҳисоб" ва дигараш "Ҳикоёту қиссаҳои Шуғнон (Помир)" ном доштанд. Ин китобҳоро дар Тошканд чоп кард. Дар он солҳо тақрибан ҳеҷ дастуру китоби тоҷикӣ дастрас набуд. Талошаш бар ин буд, ки аввалин донишгоҳҳо ва макотиб таъсис шаванд. Муҳимтарин коре, ки Нисор Муҳаммад якҷо бо устод Садриддин Айнӣ ва Шириншоҳ Шоҳтемур кард, роҳандозии рӯзномаи "Овози тоҷик" буд.

- Сафарбек, дар филми шумо меҳваре вуҷуд дорад, ки ба Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон марбут аст. Яъне қаҳрамони шумо мустақим ва ғайримустақим бо ин се кишвар иртибот дорад. Дар робита ба ин нукта мехоҳам бипурсам, ки пардохтан ба ин мавзуъ дар филми шумо ба хотири муштаракоти забонию фарҳангии мо сурат гирифта ва ё ҷараёни ҳаводис ва корномаи Нисор Муҳаммад тақозо мекард, ки шумо ба ин масоил бипардозед?

- Хуб, аслан дар филм ин гуна нест, аммо ҳама ин суолро матраҳ мекунанд, ки чаро ҳаводиси филм ба Эрону Афғонистон ва Тоҷикистон иртибот дорад? Ин мавзуъ бархоста аз маводи филм аст. Нисор Муҳаммад яке аз қаҳрамонҳои чанги сеюми афғон-инглис буда, ба Амонуллохон, Амири Афғонистон (28.02.1919 - 9.06.1926) ва подшоҳи ин кишвар (9.06.1926 - 14.01.1929) робитаи хеле наздик дошт ва як нишони ба истилоҳ "Ҳамияти Афғонистон"-ро соҳиб шуда буд. Ӯ ба минтақаи мо бо ҳувияти афғонӣ омад. Ӯ аввал вориди Тошканд шуд. Он замон марокизе, ки барои Тоҷикистон сохтанд ва ҳукумате, ки таъсис карданд, ҳама дар Тошканд воқеъ буданд. Соли 1920 ӯро ҳамроҳи Серго Орҷоникидзе, яке аз наздиктарин афроди Сталин, бо як барномаи махсуси "Коминтерн" ба Эрон фиристоданд. Он вақт шӯрише дар Рашти Эрон, дар шимоли ин кишвар бо номи "Ҳаракати ҷангалиҳо" барпо шуда буд ва болшевикҳои он замон бо дастури мустақими Тротский мехостанд як кудето дар Эрон роҳ андозанд, то низоми ин кишвар ҳам шуравию сусиёлистӣ шавад. Талошҳои зиёд карданд ва як теъдод аз киштиҳои он замонро, ки артиши сафеди русҳо, яъне артиши Русияи тизорӣ бурда буд, баргардониданд ва як гурӯҳи коршиносон ва низомиёнашонро ба Эрон фиристоданд. Онҳо бо раҳбари ҳаракати ҷангалӣ Мирзо Кучикхон пайвастанд ва ҳатто рӯзномаҳое бо номҳои "Кова" ва "Эрони шуравии сусиёлистӣ" таъсис доданд. Дар ҳайати гурӯҳе, ки ба барои фаъолият ба Эрон эъзом шуд, озариҳо ва гурчиҳо ҳам буданд. Нисор Муҳаммад тақрибан чаҳор моҳ ҳамроҳи Серго Орҷоникидзе дар Эрон буд. Онҳо бо Мирзо Кучикхон суҳбатҳо доштанд ва барномаҳои инқилобии онҳоро баррасӣ мекарданд. Аммо вақте ки бо шоҳи Эрон мувофиқа шуд, неруҳои русӣ баргаштанд ва аз таърих медонем, ки ҳаракати ҷангалиҳо ҳам шикаст хӯрд. Аслан ҳадафи Ленин ва тарафдорони ӯ барои вуруд ба Шарқ ва сусиёлистӣ сохтани тамоми машриқзамин.

- Филми шумо бештар бар пояи хотираҳои пайвандон, бозмондагон, фарзандону наваҳову натиҷаву надида (набераю абераю чевара)-ҳои Нисор Муҳаммад сурат мегирад. Албатта, чанд тан аз зиёиёни тоҷик ҳам, ки дар Маскав кору зиндагӣ мекунанд, мисли Давлат Худоназаров ва Темур Пулодов дар мустанад ҳузур доранд. Шумо барои ин филм панҷ сол заҳмат кашидед. Хусусан вазъияти ду соли охир, ки чаҳон бо мушкили вируси куруно рӯ ба рӯ буд, рӯи нақшаву барномаҳои шумо ҳам бетаъсир набудааст. Ва шумо ночор бештар дар оршивҳои Маскав кор кардед. Дуруст аст?

- Бале. Бо таассуф бояд бигӯям, ки вируси куруно барномаи филмбардории моро дар соли 2020 ба ҳам зад. Бо дӯстоне дар Пешовари Покистон дар иртибот будем ва ҳатто бо гурӯҳҳои филмбардорӣ низ мувофиқа ҳосил шуда буд. Тибқи иттилое, ки мо дорем, яке аз нава (набера)-ҳои Нисор Муҳаммад ҳанӯз зинда аст. Номи ӯ Мақбул Аҳмад аст ва тақрибан 65 сол дорад. Мутаассифона, натавонистем ба он ҷо биравем, зеро ба далели маҳдудиятҳои ҳамагирии куруно бисёре аз кишварҳо марзҳояшонро бастанд. Ҳамчунин мехостем қисматҳои марбут ба Рашти Эронро дар ҳудуди ин кишвар филмбардорӣ кунем. Бо дӯстони эронӣ мувофиқа шуда буд ва онҳо омодаи ҳамкорӣ буданд. Ҳатто ба Бухорою Самарқанд низ натавонистем сафар бикунем. Албатта, бо ҳамкории дӯстоне, ки дар ин шаҳрҳо доштем, ҳар он чӣ, ки мехостем, бароямон филмбардорӣ карданд ва фиристоданд. Мо ночор тамоми консепсиюни сохти филмро тағйир додем. Наберахои Нисор Муҳаммад дар Маскав баъзе хотиротеро, ки аз модарҳояшон шунида буданд, ба мо қисса карданд.

Дар мавриди таърихи сад сол қабли миллати мо, фикр мекунам кам касоне монанди Давлат Худоназаров ворид ҳастанд. Эшон хеле бо мо ҳамкорӣ карданд ва суҳбатҳояшон олӣ буд. Темур Пулодов, нависандаи тоҷики бухорой, ки чанд сол дабири Иттиҳодияи нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ буд ва дар Маскав зиндагӣ мекунад, бо мо ҳамкорӣ кард. Бо таассуф бояд бигӯям, ки филми мо хеле маҳдуд шуд, аммо ба ҳар ҳол он чӣ, ки мехостем, фикр мекунам ҳамон ҳарфро тавонистем бизанем.

- Дубора мехоҳам аз шумо суоли қаблиро бипурсам, ки мушаххасан дар Маскав ба кадом оршивҳо сар задед ва чӣ маводи боарзише дар ҷараёни таҳқиқу пажуҳиши худ ба даст овардед?

- Аслан бештар таваҷҷуҳи мо ба оршиви хусусии Нисор Муҳаммад буд ва хушбахтона онро пайдо кардем. Ҳудуди як моҳ фақат дастнависҳои Нисор Муҳаммадро мехондам. Ӯ яке аз беҳтарин гирдоварандагони фолклор ё осори шифоҳии мардум буд. Барои дарси забони пашту ва урду дар донишгоҳи шарқшиносии Маскав дастур таҳия карда будааст. Нусхаҳои аслии дастнависҳои ӯро пайдо кардем, ки кори хеле боарзише буд. Нисор Муҳаммад чанд паёму номае ба духтари бузургаш Иро ва номаҳое ба хонумаш навиштааст. Як силсила номаҳои расмӣ ҳам буд. Азбаски эшон ду дафъа вазири маорифи Тоҷикистон буд, маводи хеле ҷолиб аз ӯ боқӣ монда. Ният доштем ин дастнависҳоро бо худ биёварем, аммо муваффақ нашудем.

(Давомаш дар саҳ. 10)

Шаҳри Бохтар дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бо дастгириҳои Пешвои миллат ба маротиб рушд карда, ба як шаҳри пешрафтаи вилояти Хатлон тадбил ёфтааст. Роҳбарияти шаҳр талошҳои худро баҳри боз ҳам ободу зебо гардонидани ин гӯшаи диёр равона карда, азм доранд, ки ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии кишварро бо дастовардҳои назаррас пешвоз гиранд.



ИҶРОИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ УСТУВОР ДАР БОХТАР



Баротзода Файзулло Раҷаб, раиси шаҳри Бохтар

Раиси шаҳри Бохтар Баротзода Файзулло Раҷаб мегӯяд, ки “маҳз аз баракати сулҳу суботи комил, вахдату сарҷамъии миллат ва талошу заҳмати пайгиронаи мардуми шаҳр, таҳти сарварии Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврааи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳр афзуда, раванди татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва иҷрои стратегияву барномаҳои давлатӣ дар шаҳр густариши тоза пайдо намуд ва дар ин замина рушди устувори соҳаҳо таъмин гардид”.

Иҷроиши буҷет

Нақшаи қисми даромади буҷет бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 106 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 123,6 млн сомонӣ ворид карда шудааст, ки нисбат ба нақша 6,6 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Нақшаи қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ 61,6 млн сомонӣ ё 96 фоиз иҷро гардидааст.

Бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1-уми июли соли ҷорӣ 13,2 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин даврааи соли гузашта 3,9 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ

Тибқи маълумоти оморӣ, ба ҳолати 1-уми июли соли 2023 дар шаҳр 5152 соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин 921 субъект тариқи патент, 3213 субъект тариқи шаҳодатнома ва 1018 шахсони ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Бохтар барои солҳои 2021-2025-ум 86 лоиҳаро ба маблағи 1445,6 млн сомонӣ дар бар гирифта, ба ҳолати 1-уми июли соли 2023 дар шаҳр 30 лоиҳа ба маблағи 277,9 млн сомонӣ пурра амалӣ гардида, 39 лоиҳа ба маблағи 792,6 млн сомонӣ мавриди амал қарор дорад, ки маблағи умумии корҳои иҷрошуда 1 млрд 71 млн 677 ҳазор сомонӣ ё ҳуд 74,1 фоизи барномаро дар бар мегирад.

Рушди кишоварзӣ

Дар даврааи ҳисоботӣ ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории шаҳр 71,0 млн сомониро ташкил додааст (106,2%), ки нисбат ба ҳамин даврааи соли 2022-юм 3,1 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 1161 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст, ки аз он кишти ғалладонагиҳо 176 гектар, зироатҳои техникӣ 253 гектар, сабзавот 487 гектар, картошка 74,8 гектар ва зироатҳои хӯроки чорво 170,3 гектарро дар бар мегирад. Нақшаи дурнамои кишти зироатҳо бошад, дар майдони 436,2 гектар анҷом дода шудааст, ки ин 105 фоизи дурнаморо дар бар мегирад.

Дар ин давра саршумори чорвои калон ба 3877 сар, аз ҷумла модагов 2008 сар, чорвои майда 5978 сар, паранда 8980 сар ва асп ба 18 сар расонида шудааст.

Истеҳсоли маҳсулот дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ ба ҳолати 1-уми июли соли ҷорӣ 535,3 тонна ғалладона, 1042,8 тонна картошка, 9300,1 тонна сабзавот, 116 тонна меваҷот, 676,9 тонна хӯроки чорво, 32,7 тонна гӯшт, 240,1 тонна шир, 100,3 ҳазор дона тухм ва 4,3 тонна пашм буда, нисбати ҳамин даврааи соли гузашта картошка 359,9 тонна, сабзавот 26,5 тонна, меваҷот 1 тонна, гӯшт 1,7 тонна, шир 11,1 тонна ва тухм 4 ҳазор дона зиёд мебошад.

Саноат ва энергетика

Дар даврааи ҳисоботӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 145,8 млн сомонӣ (101,4%) расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин даврааи соли 2022-юм 1 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳо дар ҳаҷми 106,3 млн кВт/соат ба маблағи 34,1 млн сомонӣ қувваи барқ истифода намудаанд. Ҷамъоварии маблағи нерӯи барқи истифодашуда 85,6 фоиз, аз ҷумла аз ҳисоби аҳолӣ 89,5 фоизро ташкил медиҳад.

Сохтмон ва меъморӣ

Дар ин давра сармояи асосӣ дар соҳаи сохтмон аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ 59,6 млн сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин даврааи соли 2022-юм 12,1 млн сомонӣ кам мебошад. Фондҳои асосии ба истифода додашуда 23,7 млн сомониро дар бар мегирад, ки нисбат ба ҳамин даврааи соли 2022-юм 27,9 млн сомонӣ кам аст.

Ҳаҷми корҳои пудратӣ дар шаҳр 35,1 млн сомониро ташкил намуда, нисбат ба 6 моҳи соли гузашта 123,5 фоиз ва ё ҳуд ба маблағи 6,7 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Соҳаи нақлиёт

Дарозии умумии роҳҳои шаҳр 148,4 километр буда, аз он 4,5 километр роҳи аҳамияти байналмилалӣ, 10,6 километр ҷумҳуриявӣ, 133,3 километр маҳаллӣ, аз ҷумла 40 километр роҳҳои тобеи ташкилоту идораҳо ва 46,2 километр роҳҳои байнихоҷагӣ мебошад.

Баҳри дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани роҳҳои шаҳр аз ҷониби Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳо дар масоҳати 1308 метри мураббаъ таъмири ҷорӣ гузаронида шуда, 1152 метри мураббаъ гузаргоҳҳои пиёдагард рангубор ва дар масоҳати 42,3 км хатҳои уфуқӣ роҳандозӣ шудааст. Ҳудуди роҳҳои дохили маҳаллаҳо бо ҷалби шаҳрвандон ва соҳибкорон дар масоҳати 4320 метр сангфарш карда шудааст.

Ҳаҷми боркашонӣ ба 2,4 млн тонна (123,7 фоиз), гардиши бор ба 168 млн тонна/км (101,2 фоиз), мусофиркашонӣ ба 14,1 млн нафар (118 фоиз), гардиши мусофиркашонӣ ба 233,7 млн нафар/км (129,5 фоиз) баробар гардидааст.

Маориф ва илм

Дар шаҳр 24 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 5 литсей, 1 гимназия, 1 мактаби инноватсионии хусусӣ ва 15 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият доранд, ки дар онҳо 28359 нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 1303 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд.

Инчунин, дар шаҳр 1 муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникӣ», 1 коллеҷи тиббии давлатӣ, 3 коллеҷи тиббии хусусӣ, 1 коллеҷи омӯзгорӣ, 1 коллеҷи омӯзгорӣ-муҳандисӣ ва 22 муассисаи томактабӣ, аз он 3-тояш хусусӣ мавҷуд мебошад.

Тавассути Маркази миллии тестӣ дар соли таҳсили 2022-2023 аз 1236 нафар хатмкунандагон 1203 нафар (97,3 %) барои идомаи таҳсил ба қайд гирифта шудаанд.

Дар доираи Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр айни ҳол дар 54 синфхонаи компютерӣ 1250 компютер ва 140 принтер мавҷуд буда, 52 тахтаи электронӣ ва 53 проектор мавриди истифода қарор доранд.

Рушди соҳаи фарҳанг

Дар шаҳр 37 муассисаҳои фарҳангӣ (4 адад вилоятӣ), аз ҷумла 12 адад гулгаштҳо, 8 адад майдонҳои таърихиву фароғатӣ, китобхонаи марказӣ бо 5 адад филиал, китобхонаи бачагона, Кохи фарҳанг ва маркази иттилоотӣ, Театри халқӣ, 2 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, мактаби санъати бачагона, осорхона, студияи сабти овоз ва ансамбли рақсии «Ситора» фаъолият доранд.

Дар китобхонаи марказӣ ва филиалҳои он 53,7 ҳазор нусха китоб маҳфуз буда, аз ин шумора 19 ҳазор нусха китоб бо забони давлатӣ, 33,4 ҳазор нусха бо забони русӣ ва 1,3 ҳазор нусха бо забонҳои дигар мебошанд.

Тибқи супоришҳои Сарвари давлат дар 19 ташкилоту муассисаҳо китобхонаҳои идоравӣ ташкил карда шудааст.

Аз ҷониби муассисаҳои фарҳангии шаҳр зиёда аз 52 чорабинии оммавии фарҳангӣ ва сиёсӣ гузаронида шуда, дар онҳо 20800 нафар иштирок кардаанд.

Тандурустӣ ва кор бо занон

Дар соҳаи тандурустии шаҳр 674 духтур, аз ин шумора 171 нафар бо категорияи олӣ ва 503 нафар кормандони миёнаи тиб фаъолият намуда истодаанд.

Беморхонаи марказӣ аз 6 шуъба, аз ҷумла шуъбаҳои қабул, ҷарроҳӣ, таваллуд, амрози даруна, эҳёгарӣ ва таҳлилгоҳ иборат мебошад.









Шумораи умумии занҳо дар шаҳр 63997 нафарро ташкил дода, 195 нафари онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла дар Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 нафар, дар Мачлиси вакилони халқи вилояти Хатлон 1 нафар ва дар Мачлиси вакилони халқи шаҳри Бохтар 14 нафар ҳамчун вакил интихоб гардидаанд.

Ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ

Тибқи маълумот, шумораи ҷавонон дар шаҳр 37413 нафарро ташкил намуда, аз он 18100 нафар духтарон мебошанд.

Дар шаҳр 3 варзишгоҳ, 1 мактаби варзишӣ, 32 толори варзишӣ, 95 майдончаҳои варзишӣ, аз ҷумла 18 адад майдончаҳои футболи хурд, 2 майдони теннис ва 2 ҳавзи шиноварӣ фаъолият дошта, дар онҳо 779 нафар наврасону ҷавонон ба машқу тамрин фаро гирифта шудаанд.

Дар давоми моҳҳои январ - июни соли 2023 варзишгарони шаҳр ба 5 мусобиқоти байналмилалӣ, 5 чемпионат ва 17 мусобиқаи ҷумҳуриявӣ сафарбар гардида, 116 медал, аз он 41 медали тилло, 28 медали нукра ва 47 медали биринчӣ ба даст овардаанд.

Суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа

Ба ҳолати 1-уми июни соли 2023 дар шаҳр 9157 нафақагир ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 71 нафар зиёд гардида, маблағи талаботи нафақа дар ин давра 19,8 млн сомониро ташкил додааст. Дар ин давра ба ворисони нафақагирони кӯчидарафта ва фавтидагон ба маблағи 64,1 ҳазор сомонӣ бақияи маблағҳои нафақапулиҳо пардохт гардидааст.

Дар 6 моҳи соли 2023 ба собиқадорони ҷангу меҳнат, оилаҳои камбизоат, маъюбон, шахсони яккаю танҳо, мактаб-интернатҳо ва хонаҳои пиронсолон дар арафаи иду ҷашнҳои миллӣ аз ҳисоби маҳомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва шахсони саховатпеша ба маблағи умумии 3 млн 358,8 ҳазор сомонӣ кумакҳои яквақтаинаи моддӣ ва молиявӣ расонида шудааст.

Муроҷиати шаҳрвандон

Давоми 6 моҳи соли 2023 ба маҳомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр 896 шаҳрванд, аз ин 736 нафар тариқи хаттӣ ва 160 нафар тариқи шифоҳӣ муроҷиат намудаанд.

Аз шумораи умумии муроҷиатҳои воридшуда 20 муроҷиат ба воситаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60 муроҷиат ба воситаи Маҳомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ворид гардидааст.

Аз шумораи умумии муроҷиатҳои хаттӣ ба 711 муроҷиат (96,6 фоиз) ҷавоб гардонида шуда, 25 муроҷиат дар баррасӣ қарор доранд.

Омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ

Тибқи нақшаи чорабиниҳо дар шаҳри Бохтар бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ таъмиру бунёди 270 иншоот ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 30 иншоот ба маблағи 101,2 млн сомонӣ бо ташкили 115 ҷойи корӣ иҷро карда шудааст.

- Маҳомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар барои амалисозии дастурҳои Роҳбари давлат оид ба таъмини истиқлоли энергетикӣ, гузаштан ба иқтисоди рақамӣ, саросар соҳибкасб намудани аҳолӣ, таъмини на кам аз 8 фоизи рушди иқтисодиёт, ҷалби сармояи хориҷӣ, ворид намудани усулҳои муосири ташхис ва табобат дар соҳаи тандурустӣ, азнавсозии низоми таълим дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ ва ба ин васила омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давалатӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешида, саъю кӯшиш ва талошҳои худро ба хотири боз ҳам ободу зебо гардонидани шаҳри Бохтар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми он равона хоҳад намуд,- мегӯяд раиси шаҳри Бохтар Баротзода Файзулло Раҷаб.







Машраби АЛОВИДДИН

ҶОННИСОРИИ НИСОРИ АФҒОН БАРОИ ТОҶИКОН

(Аввалаш дар саҳ.7)



Албатта кори хубе мешуд, агар онҳоро ба Тоҷикистон меовардем ва дар осорхонае нигоҳ медоштем.

- Ба назарам, ҳадафи шумо бештар тавассути корномаи Нисор Муҳаммад бозтоб додани ҳаводиси даврае ҳаст, ки барои мардуми мо сарнавиштсоз буд. Албатта, чеҳраи аслӣ ва марказӣ дар мустанади шумо Нисор Муҳаммад аст ва дар атрофаш номҳое мечарханд, ки нақши онҳо барои рушди матбуот, мактабу маориф ва давлатдории тоҷикон камтар аз Нисор Муҳаммад нест. Дуруст аст?

- Бале, ҳамин тавр аст. Ҳамеша ба дӯстонам ба такрор мегуфтам, ки Нисор воқеан ҳам нисор шуд ва садҳо нафари дигар ҳам мисли ӯ ҷонашонро барои мо нисор карданд. Достони Нисор Муҳаммад баҳонае буд, ки аз он азизон ҳам ёд кунем. Чеҳраҳое, ки воқеан зери гарду ғубори таърих мондаанд ва касе аз онҳо ном намебарад. Вақте ки панҷ сол қабл дар шаҳри Душанбе ба таҳқиқи зиндагиномаи Нисор Муҳаммад шуруъ кардам, таърихшиносон аслан намефаҳмиданд, ки ба хотири чӣ ин корро мекунам. Аслан исми ӯ ҳам ба Нисор Мухаммедов тағйир карда буд. Дар хеле аз оршивҳо муҳри сирриӣ будани маводи марбут ба ӯ ҳамчунон эътибор дошт. Мо хеле фарзандони сарсупурда ва қаҳрамон доштем, аммо афсӯс, ки мардуми мо фаромӯшхотир аст. Намедонам чаро, аммо ҳар чӣ, ки аз пеши чашмонамон дур шуд, зуд онро фаромӯш мекунем.

Ин филм баҳонае буд, ки аз Саидризо Ализода ва Вадуди Маҳмудӣ ёд кунем.

- Аслан чаро Нисор Муҳаммад барои фаъолиятҳои сиёсӣ ва маорифпарваронаи худ Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистонро интихоб кард? Медонем, ки вай тавассути Афғонистон аввал ба Тошканд сафар карда буд.

- Соли 1920 ҳанӯз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна марзбандӣ нашуда буданд ва аслан кишваре бо номи Тоҷикистон вуҷуд надошт. Дар Тошканд Донишгоҳи Осиёи Миёна ва як донишгоҳи низомӣ вуҷуд дошт ва Нисор Муҳаммад дар он ҷо дарс мегуфт. Он ҷо шахсе ба номи Архангелский, ба истилоҳ таърихшиносу донишманди рус буд, ки аз замони ҳузури Русияи тизорӣ дар Осиёи Миёна, дар Тошканд кор мекард. Ӯ дар Ҳинду Чин ҳам кор карда ва мудири бахши маорифи Ҷумҳурии Мухтори Туркистон буд. Архангелский барои миллатҳое, ки дар минтақа расман вуҷуд доштанд, китобҳои дарсӣ таҳия мекард. Рӯзе Шириншоҳ Шоҳтемур ба назди ӯ рафт ва гуфт, ки мехоҳам ба ман китобҳои дарсии тоҷикӣ бидиҳед, чун ба Тоҷикистон, ба Помир меравам. Архангелский пурсид, ки китобҳои дарсиро барои кӣ мехоҳед? Шириншоҳ гуфт, барои тоҷикон, мо тоҷик ҳастем. Архангелский бо тааҷҷуб гуфт, ки дар рӯйхати мо миллате бо номи тоҷик вуҷуд надорад. Дар ҳақиқат, чун рӯйхатро диданд, дар он ҷо туркманҳо, қазоқҳо, қирғизҳо ва ӯзбекҳо буданд, аммо аз тоҷик хабаре набуд. Ин суҳбатҳои солҳои 1922 ва 1923 аст. Архангелский ба Шириншоҳ гуфт, агар китоб мехоҳед, бишинед, худатон таҳия кунед. Шириншоҳ гуфт, ин кор аз дасти худи ман сохта нест, чунки масъулияти давлатӣ дорам ва бояд пеш аз ҳама вазоифи аслии худамро иҷро кунам. Аммо барои анҷоми ин кор ҳатман нафаре пайдо хоҳам кард. Архангелский мегӯяд, тақрибан баъд аз ду–се ҳафта Шириншоҳ омад ва ҳамроҳаш як марди қоматбаланд ҳам буд. Ӯ дар васат ва дар як тарафаш Шоҳтемур ва дар паҳлуи дигараш Алексей Дяков меистоданд, ки аз пизишкони хеле машҳур ва шарқшиноси хуб буд. Ӯ ба тоҷикӣ нағз суҳбат мекард, ба хати форсӣ менавишт ва яке аз донандагони фарҳангу забони тоҷикӣ буд. Албатта, Архангелский Шириншоҳ ва Дяковро мешинохт. Ба Архангелский гуфтанд, ки марди қадбаланд Нисор Муҳаммад аст ва ӯ мудири бахши тоҷикӣ хоҳад шуд ва ин корро аз ӯ беҳтар каси дигаре анҷом нахоҳад дод. Нисор Муҳаммадро ба кумиссиюни маорифи Ҷумҳурии Худмухтори Туркистон муаррифӣ карданд. Ӯ корро оғоз кард ва дар ҳамон ҷо бо Саидризо Ализода ошно шуд. Кумиссиюне барои эрониҳо ва афғонҳо таъсис дода буданд. Саидризо Ализода дар ин кумиссиюн кор мекард. Дӯстию ҳамкории онҳо аз ҳамон вақт шуруъ шуд.

- Баъд аз вуруди Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна дар нимаи дуюми қарни 19, бисёре аз афроде, ки бахусус аз Русияи подшоҳӣ ба минтақаи мо меомаданд, ба истилоҳ "дар либоси дӯст кори душман мекарданд". Онҳо бештар ба унвони аккос ё пажуҳишгар меомаданд, вале аслан корашон ҷосусӣ барои идораҳои зинафъи Русияи подшоҳӣ буд. Барои шумо суолбарангез набуд, ки чӣ тавр як паштун ё афғон ба Осиёи Миёна омада, дар ин ҷо барои фаъолиятҳои сиёсию иҷтимоии худ ҷойи по боз мекунад? Оё дар ҳеҷ ҷо ишорае нашуда, ки ба истилоҳ ӯ ҳам "зери кафш гил дошт"?

- Ҷавоби ин суол мушаххас буд. НКВД он замон бо баҳонаи иртикоби ҳамин гуна "ҷурмҳо" афродро зиндонӣ мекард. Аслан шахсонеро, ки ҳатто як забони хориҷиро намедонистанд, ҷосус мехонданд. Нисор Муҳаммад, ки ин қадар забон медонист ва ба истилоҳ аз Ҳинди таҳти султаи Британиё тавассути Афғонистон ба Осиёи Миёна омада буд, албатта зери заррабини хадамоти махсуси он замон қарор дошт. Дигар ин ки, аслан низомҳои диктотурӣ ба ҳама машкук ҳастанд ва ба ҳама бо назари шубҳа менигаранд. Намедонам, дидед ё не, санади тақрибан соли 1925-и хадамоти махсуси он замон ОГПУ-ро, ки дар "Фейсбук" чоп шуд, ман хондам. Бар асоси гузоришҳое, ки ба истилоҳ ҷосусҳои ин созмон дар мавриди Нисор Муҳаммад, устод Айнӣ ва Абдураҳим Ҳоҷибоев доданд, ҳамаи ин афрод "душман ва миллатгаро" муаррифӣ шудаанд. Илова ба ин пурсиши шумо, вақте ки аввалин филми сохтаам - "Жакон"-ро дар Маскав филмбардорӣ мекардем, аз Иосиф Брагинский ҳамин суоли шуморо пурсидам. Яъне ӯ чи гуна ба Тоҷикистон омада, таҳқиқот анҷом дода, хати форсӣ балад буда ва дастнависҳои бостониро мехонда? Ӯ гуфт, бубин азизам, ман як низомӣ будам, дар хадамоти махсус фаъолият мекардам, кори ман ҷанг буд, аммо дидам, ки дар канораш чизҳои ҷолибтар аз ин ҳаст ва рафтам дунболи корҳои таҳқиқотӣ, аммо кори аслиамро ҳам то вақте имкону фурсат доштам, анҷом медодам. Ҳамин суолро аз Ричард Фрай пурсидам. Ӯ гуфт, бубин, ман ин суҳбатҳоро ҳамроҳи Бобоҷон Ғафуров дар Ҳинд кардам. Гуфтам, ту барои КГБ кор мекунӣ, ман барои СІА, чӣ фарқ дорад. Албатта, хадамоти махсус кӯшиш мекунанд аз ҳар имконе ки ҳаст, истифода бубаранд ва иттилоот ҷамъоварӣ бикунанд.

- Дар бораи шароити ба қатл расидани Нисор Муҳаммад иттилои дақиқе ҳаст?

- Соли 1937 як бадбахтӣ, як фоҷиа ба сари тамоми мардум омад. Нисор Муҳаммад дар Донишкадаи шарқшиносии Маскав буд ва хонуму духтари кӯчакаш ба истироҳатгоҳе ба берун аз Маскав рафта буданд. Духтари бузургаш ва духтари дигару писараш ҳамроҳи ӯ дар Маскав қарор доштанд. Аз хотироти ҳамон духтари бузургаш, ин тавр ба назар мерасад, ки дар як рӯзи таътил нафаре ба хонаи онҳо омада, падарашро даъват мекунад ва мегӯяд, ки бояд ба маҳали кораш биравад. Духтараш мегӯяд, "вақте ӯро мебурданд, дидам, ки падарам нигоҳе ба сӯи мо кард ва фаҳмидам, ки бо мо худоҳофизӣ мекунад". Баъд шабона хонаашонро бозрасӣ карданд, ҳамаи навиштаҳо, китобҳо ва авроқу дафтарҳои ӯро бо худ бурданд.

Дар моҳи октябри соли 1937, дар вақти бозҷӯӣ, он гуна, ки ба ман гуфтанд, муфаттиш Нисор Муҳаммадро дашном додааст. Ӯ аз кучо медонад, ки барои мардуми мо ин кор аслан ғайри қобили қабул аст? Дар Русия фаҳшу дашном як кори маъмулӣ аст. Барои Нисор ҳам таҳаммули тавҳину дашноми бозрас зоҳиран хеле сахт расида, ки аз ҷо бархоста ва бозрасро зада. Бозрас пеш аз уфтодан ба замин тугмаеро, ки дар болои миз буда, пахш мекунад. Муҳофизон омада, Нисорро бо шиллики гулӯла ба қатл мерасонанд. Яъне гӯё ба сурати тасодуф ӯро мекушанд. Аммо ин имкон вучуд дошта, ки ӯ аз боздошт раҳо шавад, зеро хонумаш Анна Китсас бо ҳамсари ҳамонвақтаи раиси НКВД Ежов дар як идора кор мекардаанд ва бо ҳам робитаи хубе доштаанд. Ба хонаводаи Нисор Муҳаммад нагуфтанд, ки ӯ кушта шуда. Пайкари ӯро оташ зада, хокистарашро дар як гӯри дастаҷамъӣ дар оромистони Дони Маскав мегузоранд. Хонаводааш гумон дошта, ки ӯ ҳанӯз зинда аст, дунболи ӯ буданд ва суроғи ӯро мепурсиданд.

Он солҳо аслан ҳар касеро, ки ба қатл мерасонданд, аъзои хонаводаашро зиндонӣ мекарданд ва ё ҳадди ақал ба муддати даҳ сол ба Сибир, ба урдугоҳҳои кори иҷборӣ мефиристоданд. Аммо бо кумаки хонуми Ежов, фарзандони Нисор Муҳаммад ва ҳамсари ӯро ба урдугоҳҳои кори иҷборӣ нафиристоданд ва онҳо аз хонае, ки пештар дар он ҷо зиндагӣ мекарданд, ба хонаи дигаре дар минтақаи Арбати Маскав кӯч бастанд. Духтари бузургаш дар Маскав монд ва ду фарзанди дигараш - духтараш ва писарашро ба Фарғона, ба назди хонуми аввалаш фиристоданд. Яъне хонуми дувумаш ҳамроҳи духтараш ва духтари бузурги Нисор Муҳаммад аз ҳамсари якуми ӯ дар Маскав боқӣ монданд.

- Соли 1957, баъд аз гузашти бист сол аз қатли Нисор Муҳаммад ӯ сафед шуд.

- Бале, ҳама аснодаш ҳаст, ки иштибоҳӣ ӯ кушта шуда. Номае расмӣ ба хонаводааш ирсол карданд, ки Нисор Муҳаммад ҳеҷ гуноҳе надошта ва аз зумраи афродест, ки дар соли 1937 бегуноҳ кушта шудаанд.

- Сафарбек, ба унвони суоли охир, шумо ҳамчун коргардон ва нависандаи филмнома, аз китоби зиндагии Нисор Муҳаммад чӣ сабақе гирифтед?

- Суоли бисёр душвор аст. Ба хотири ин ки як мушкил дар зиндагӣ, дар таърих, дар фарҳанг ва дар хувияти мардуми мо монда; тарс, ноумедӣ ва нарасидан ба қадри аҳли илм, фарҳанг, маориф, таърих ва қадр накардани ҳамдигар. Масалан, шумо тасаввур кунед, барои он ки устод Айнӣ ғазали "Бӯйи чӯйи Мӯлиён ояд ҳаме"-и устод Рӯдакиро дар "Намунаи адабиёти тоҷик" оварда буд, ҳамин "ҷурм"-и ӯро баҳона карда, омода буданд Садриддин Айниро нобуд кунанд. Агар устод Лоҳутӣ намебуд ва пеши роҳи онҳоро намегирифт, имкон дошт ин амали зишт анҷом бигирад. Ман ҳарчи зиёдтар омӯхтам, ба ин натиҷа расидам, ки таърихи мо сар то по фоҷеа аст ва бадбахтона ҳамааш ба дасти худи мост.

Бо таассуф бояд бигӯям, ки ҳамон хувияти волои миллатсозиву ваҳдати воқеиро ман шахсан то имрӯз чандон эҳсос накардам. Ҳатто аз лиҳози фикрӣ ва хувияти миллӣ мо дар минтақа хеле парокандаем ва мутаассифона парокандатар мешавем. Фикр мекунам, ки филми "Нисор" як навъ хушдор аст. Мо бояд андеша кунем, мулоҳиза намоем ва як барномаи дуруст барои ояндаи миллати худамон дошта бошем. Вагарна, чи хеле ки пештар гуфтам, дар баробари хатар ба забони модарии мо, ҳамин гуна хатар ба мавҷудияти қавми мо ва миллати мо ҳам таҳдид мекунад.

Мусоҳиб:
Суҳроби ЗИЁ

ҒОРАТИ ПУЛИ МАОРИФ

Директори ширкати сохтмонии ҶДММ “Аҳмад Сохтмон” барои таъмиру навсозии бинои шуъбаи маориф дар Душанбе беш аз 272 ҳазор сомониро барзиёд нишон дода, маблағи мазкурро тасарруф намудааст.

Ӯ бар асоси қисми чорум и моддаи 245-и КҶ ҶТ ба тасарруфи маблағҳо ба миқдори махсусан бузург ва бар асоси қисми аввали моддаи 340 ба сохтакории ҳуҷҷатҳо айбдор мешавад. Акнун ӯро ҷарима ба андозаи аз 1824 то 2800 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 10 то 15 сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то 5 сол интизор аст.

ГРУЗ-200. ҶАСАДИ ДУ ҶАВОНИ ТОҶИКРО БА ВАТАН МЕОРАНД

Сафорати Тоҷикистон дар Русия дар бораи даргузашти ду ҷавони тоҷик дар шоҳроҳи Челябинск-Уфа-Перм хабар дод. Ҳодиса рӯзи 15-уми июл ба вуқуъ пайваст.

Сафорат таъкид кардааст, ки бо мусоидати Консулгарии генералии Тоҷикистон дар шаҳри Екатеринбург ва ҷамъияти тоҷикон ҷасадҳои шаҳрвандони фавтида ба Ватан интиқол дода мешаванд. Манбаъ менависад, ки дар ин садама ҳамчунин як ҷавони тоҷик ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардошта, дар беморхона бистарӣ аст.

МАРГИ ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР ҶАНГИ УКРАИНА

Шаҳрванди Тоҷикистон Фирӯз Салимов, ки моҳи октябри соли 2022 зану 4 кӯдакашро дар шаҳри Екатеринбург танҳо монда, ихтиёран ба ҷанги зидди Украина рафта буд, кушта шудааст.

Нашрияи маҳаллии УРА.РУ хабар дод, ки Фирӯз Салимовро дар ватанаш, Тоҷикистон ба хок месупоранд. Тафсилоти кай ва дар кучои Украина кушта шудани Фирӯз Салимов дар даст нест.

Зикр мегардад, ки Фирӯз Салимов ба нуқтаи ҷамъоварии сарбозон борхалтааш дар даст омада, гуфта буд, ки ҳамсараш барои ӯ ҳамчун тӯшаи роҳ дар танӯр нони тоҷикӣ пухтааст.

ХОҲИШИ МОДАР ШУДАН ЗАНРО БА ЗИНДОН БУРД

Додгоҳи ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон хабар дод, ки сокини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Оиша Шарипова бар асоси қисми дуюми моддаи 130, банди “д” Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон дар кӯдакрабой гунаҳкор шинохта шуда, ба 8 соли зиндони низомаш умумӣ маҳкум шуд.




Бар асоси ҳукми қозии парванда Раҳмонзода И. Р., “шаҳрванд Шарипова О. Т. бо сабаби фарзанддор нашуданаш, дар назди худ мақсад гузоштааст, ки тариқи пинҳонӣ аз шуъбаи таваллудхонаи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ғайриқонунӣ як нафар тифли навзодро рабуда, соҳиби фарзанд шавад. Барои амалӣ намудани нақшаи тарҳрезӣ кардааш моҳи феврали соли 2022 тавассути телефони мобилӣ ба шавҳараш оид ба ҳомила шуданаш хабари бардурӯғ дода, минбаъд муддати 9 (нух) моҳ дар зери либоси танаш дар қисми шикам латтаю ҳар гуна матоъ баста, худро барои атрофиён ҳамчун ҳомила вонамуд кардааст. Сипас баҳри ичрои нақшаи тарҳрезӣ намудааш бегоҳи 23-юми сентябри соли 2022 ба шуъбаи таваллудхонаи ноҳияи А. Ҷомӣ омада, аз рафтани навбатдор истифода бурда, дарҳол бо роҳи тиреза вориди долони шуъбаи таваллудхона шуда, сипас ба яке аз ҳуҷраҳои наздиктарин, яъне ҳуҷраи табобати шиддатнок ворид шуда, кӯдаки навзодро рабуда, бо худ бурда, пинҳон кардааст. Санаи 30-юми сентябри соли 2022 дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои фаврию ҷустуҷӯӣ тифли навзод дар ҳолати хуби саломатӣ дарёфт карда шуда, ба модараш баргардонида шудааст”.

GALLUP: ТОҶИКИСТОН ДУЮМИН КИШВАРИ АМН ДАР САЙЁРА

Дар асоси пажуҳиши Маркази таҳлилии "GALLUP"-и Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Тоҷикистон дар сархати давлатҳои амну ороме дохил гардид, ки шаҳрвандонашон ба "кормандони ҳифзи ҳуқуқу тартибот боварӣ ва эътимод" доранд.

Дар ин ҷадвал Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз Сингапур дар ҷои дувум қарор дошта, Ҷумҳурии Фаронса дар ин радабандӣ дар ҷои шашум қарор дорад.



ПИСТОЛЕТ ВА ХАЛТАИ НОС

Бездошти тоҷике, ки дар Русия се тоҷики дигарро захмӣ кард

Кормандони пулиси Русия рӯзи 16-уми июли соли 2023 як марди 30-солаи зодаи Тоҷикистон ва шаҳрванди Русияро, ки шоми шанбе, 15-уми июл дар шаҳри Кудровои вилояти Ленинград се ҳамватани худро аз туфангчаи травматикӣ захмӣ кард, дастгир карданд.

Тавре нашрияи маҳаллии “47-й канал” хабар дод, аз ин нафар, ки дар Кудрово умр ба сар мебурд, ҳангоми бездошт туфангчаи травматикӣ, дастпӯшак ва як халта бо маводи номаълуми рангаш сабз пайдо кардаанд. Аз рангаш бармеояд, ки ин мавод ба эҳтимоли ғолиб нос, як навъи дар Осиёи Марказӣ хеле роиҷи тамоку аст.

Ёдовар мешавем, шоми 15-уми июл дар кӯчаи Английская дар шаҳри Кудровои вилояти Ленинградии Русия, ки дар канорахои шарқии шаҳри Санкт-Петербург ҷойгир шудааст, байни муҳоҷирон аз Тоҷикистон муноқиша ва тирпарронӣ сурат гирифта, дар ҷараёни он яке аз иштирокчиён дар ҷараёни ин муноқиша се нафари дигарро захмӣ кардааст. Тирандоз билофосила аз ҷои ҳодиса фирор кардааст. Дар натиҷаи тирпарронӣ се муҳоҷири синнашон 47, 24 ва 23-сола тир хӯрда, дар ҳолати вазнин ба бемористон интиқол дода шудаанд. Якеи онҳо аз гавҳараки чашми росташ тир хӯрда, ҷоғи дуюмӣ шикастааст ва сеюмӣ аз ноҳияи сутунмуҳрааш осеби вазнин бардоштааст. Сабаби муноқишаи байни тоҷикҳо дар Кудрово ҳанӯз рӯшан нест.

ҶАВОНЗАНИ ТОҶИКРО ЗАДА-ЗАДА КУШТАНД

Дар Ноҳияи марказии шаҳри Санкт-Петербурги Русия хешовандон аз бенишон шудани як ҷавонзани 30-солаи зодаи Тоҷикистон дар ташвиш афтода, шабона ба хонаи ӯ дар кӯчаи 10-ум Советская омадаанд ва мутаассифона, ҷасади ӯро бо осори зиёди латукӯб пайдо кардаанд.

Пулис ба нашрияи маҳаллии “Нева Тудей” хабар додааст, ки ҷасадро бо аломатҳои зиёди латукӯб, аз ҷумла варамҳо ва омочи хун, ба морг фиристодаанд ва ташхис бояд сабаби марги ин ҷавонзанро маълум кунад. Дар робита ба ин қазия бар асоси моддаи 105-и Кодекси ҷиноятии Русия бо иттиҳоми куштор парвандаи ҷиноятӣ кушода шуда, як ҳамшаҳрии ин ҷавонзанро, ки 37 сол дорад, бо гумони даст доштан дар латукӯб ва куштани ӯ таҳти ҷустуҷӯ қарор додаанд. Ба ӯ барои одамкушӣ то 15 соли зиндон таҳдид мекунад.

“ГОВСУД”. САЙЁРА ДУСАЕВА 6 СОЛ ҲУКМ ГИРИФТ

Додгоҳи шаҳри Митишии вилояти Маскав шаҳрванди Тоҷикистон Сайёра Дусаеваро бар асоси қисми якуми моддаи 105-и Кодекси ҷиноятии Русия дар кушторӣ ҳамкораш дар ошхонаи “Хинкалная Тбилисо” гунаҳкор шинохт ва ба 6 солу 6 моҳи зиндони низомаш умумӣ маҳкум кард.

Ба гуфтаи додситонии вилояти Маскав, “додгоҳ муайян кард, ки 4-уми январи соли 2023 Дусаева дар дохили қаҳвахонаи воқеъ дар ҳавзаи шаҳри Митиши бо ҳамкораш муноқиша карда, ба қисмати қафаси синаи ӯ на камтар аз ду зарбаи корд задааст. Ҷабрдида бар асари ҷароҳатҳои ҷисмонии бардоштааш дар ҷои ҳодиса ҷон бохтааст”.

Хабарнигори НТВ аз толори додгоҳ хабар дод, ки Дусаева дар ҷараёни мурофиа аз коре, ки шуд, изҳори пушаймонӣ кард ва гуфт, дар ҳолати аффект қарор дошт ва ҳоло дуруст дар ёд надорад, ки он рӯз чӣ гузашт.

Сайёра Дусаева, ки дар як ошхонаи таомҳои гурҷӣ дар шаҳри Митиши дар канори Маскав кор мекард, рӯзи 4-уми январи соли 2023 бо иттиҳоми куштани ҳамкораш, ошпази ошхонаи “Хинкалная Тбилисо” ба ҳабс гирифта шуд. Бездошти ӯ мавҷи вокунишҳоро дар Тоҷикистон ба бор овард. Даҳҳо нафар аз мақомоти Тоҷикистон хостанд, ки Сайёра Дусаеваро беҳимоят нагузоранд ва аз ӯ дифоъ кунанд, то ки ба маҳзи бесоҳибӣ дар Русия “говсуд” нашавад.



Ботулизм (аз юнонӣ botulus - ҳасиб) аз ҷумлаи бемориҳои вазнин буда, заҳролудии шадиди сироятӣ аз хӯрок аст. Ботулизм дар натиҷаи аз таъсири ботулотоксин осеб ёфтани мағзи дарозрӯя ва ҳароммағз падид меояд.

Сироят

Манбаи асосии ботулизм консерваҳои хонагӣ арзёбӣ мешавад. Вақте инсон чунин маҳсулотро истеъмол мекунад, сироят меёбад. Аз ин нигоҳ, набояд роҳ дод, ки ба дохили консерваҳои дар шароити хона ё умуман нодуруст тайёршуда ҳаво (оксиген) ворид шавад. Ҳавои воридшуда барангезандаи ботулизмро «бедор» мекунад ва он меваю сабзавоту дигар ғизоҳоро заҳролуд месозад. Дар хонаводаҳои мардуми мо дар бонкаҳо помидору бодиринг ва ҳар гуна сабзавоту меваҳои дигарро ба истилоҳ консерв мекунанд. Тарзи омода кардани чунин хӯришҳо махсус аст ва на ҳама аз он огаҳӣ доранд. Аввал бонкаҳо дар ҳарорати баланд (то 140 дараҷа) бояд безарар (стирилизация) карда шаванд. Маҳсулотро ҳатман бо оби тоза шустан лозим аст. Маҳкам кардани сарпӯши бонкаҳо низ хеле муҳим мебошад. Агар сарпӯши бонкаҳо дуруст маҳкам карда нашавад, имкони ба дохили бонка ва хӯриши он даромадани ҳаво бештар мегардад. Вақте ҳаво даромад, барангезандаи беморӣ маҳсулотро заҳролуд месозад.

Чӣ бояд кард?

Аввалин қоидае, ки соҳибхоназанон ҳангоми тайёр кардани хӯришҳо ба он бояд қатъӣ риоя кунанд, ин аз хоку лой тоза кардани меваю сабзавот аст. Агар дар танаи мева ва ё сабзавот каме хок боқӣ монаду онро дар бонкаҳо маҳкам кунанд, имкони пайдо шудани барагезандаи ботулизм зиёд мегардад. Шарти дигаре, ки риояи он хеле муҳим аст, хӯришҳоро сернамак кардан ва дуруст маҳкам кардани сарпӯши бонкаҳост. Бисёриҳо маҳсулоти заҳролудшударо аз маҳсулоти тоза фарқ карда наметавонанд.

Нишонаҳо

Нишонаи аввал тира шудани оби бонкаҳост. Агар бубинед, ки оби бонкаи помидору бодиринг ва ё хӯриши дигари тайёркардаи шумо тира шудааст, донед, ки он заҳролуд аст ва истеъмоли он мумкин нест. Нишонаи дигари сироятёбии маҳсулоти консервҳо дамида варам кардани сарпӯши онҳост. Ин аломати он аст, ки маҳсулоти дохили чунин бонкаҳо комилан аз барангезандаи ботулизм заҳролуд шудаанд ва истифодаи онҳо қатъиян манъ аст.


Роҳҳои табобат

Ин беморӣ агар сари вақт муайян шавад, табобатшаванда аст. Агар шумо дар организми худ нишонаҳои ин бемориро ҳис кунед, зуд ба духтур мурочиат намоед. То омадани духтурон метавонед дар аввал меъдаи худро бо оби оддии чӯшонидашуда тоза намоед. Баъд бо маҳлули содаи дуфоиза меъдаро шӯед. Ба шахси сироятёфта ҳатман оби бисёр нӯшондан, агар нафасгирӣ душвор гардад, зуд нафаси сунъӣ додан зарур аст. Ҳама маҳсулоти консервшудаи хона ва боқимондаи ҳасибу дигар ғизоҳоро аз санҷиши лабораторӣ гузаронидан муҳим аст, то барангезандаи ботулизм муайян шавад.

КАРАМ - ДАВОИ БЕМОРИҲОИ МЕЪДАВУ РӮДА

Карам барои саломатии инсон фоидаи калон дорад. Дар таркиби он қанд, кислотаҳои органикӣ, витаминҳо (С, Р, В, В2, РР, К, Е) ва каротин, пантотен ва кислотаи фолий, равған, ферментҳо, калий, калтсий, йод, марганес, оҳан ва намакҳои дигар элементҳо ҳаст. Барги карами резакардаро ба сӯхтаҳо, қойи хунукзада, захмҳои пӯст компресс кунанд, шифо ёфтани захмҳоро метезонад.

Пайвасткунакҳое, ки дар карам ҳаст, фаъолияти рӯдаҳоро беҳтар, организмро аз токсинҳо ва холестеринҳои гуногун тоза мекунад ва дар рӯдаҳо микрофлораи судмандро ташкил медиҳад.



Нӯшидани шарбати карам метавонад панкреатит, захми меъда, гастрит, холетсистит, пиэлонефрити музминро табобат кунад.

Барои кам кардани миқдори шакар дар хун, ба шарбати карам оби ширгарм илова кунед ва ним соат пеш аз хӯрок чоряк истакон нӯшед.

Ҳангоми зардпарвин, қабзият, гастрит, дисбактериоз ва хастагии доимӣ нӯшидани шарбати карам тавсия карда мешавад.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ҳаёти шахсӣ ва ҷойи кор аз тағйирот натарсед, беҳтараш кӯшиш намоед, ки аз вазъият фоида ба даст ored. Дарди сабуки дар ҷисматон пайдошуда ба зудӣ нест мешавад. Каме даромади пулӣ ба даст меоред, вале тамоми маблағро пурра сарф накунед.



Савр
21.04 - 21.05

Дар масъалаи мушкилоти молиявиатон ҷиддан андеша кунед. Одати қарз гирифтанро партоеду маблағро сарфакорона харҷ намоед. Ин ҳафта бахтатон омад мекунаду корҳоятон барор мегиранд, ба шарте, ки ба маслиҳати дигарон гӯш надиҳед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаи нав ба ҷашну маъракаҳо пайи ҳам даъватӣ мешавед, кӯшиш намоед сафи дӯстону ҳамфикрони худро зиёд гардонед. Миёнаи ҳафта барои бартараф намудани мушкилиҳое, ки ба дигарон гуфтан намехоҳед, мусоид аст.



Саратон
22.06 - 23.07

Обрӯву нуфузатон дар ҳафтаи нав миёни атрофиён зиёдтар мегардад. Маҳз дар ҳамин ҳафта аз рафтору кирдори шумо тақдири дигарон вобастагӣ дорад. Айёми мусоидест барои вохӯрӣ бо нафарони мансабдор. Бо ҳамсар ё шарики тиҷоратӣ гапатон мегурезад.



Асад
23.07 - 22.08

Асадҳо дар ин ҳафта дар ҳама ҷода мавқеашонро баланд бардошта, донишу малакаи худро бояд нишон дода тавонанд. Даҳонатонро аз гапи беҳуда нигоҳ доред, серҷоғӣ накунед, вагарна тамоми ният ва нақшаҳоятонро пешакӣ гуфта, ба мақсад намерасед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Сумбулаҳо дар ҳафтаи нав таваккал карда, бурд мекунанд. Аз уҳдаи тамоми мушкилиҳои дар ин ҳафта пайдошуда бо сари баланд мебароед, вале сахт хаста мегардед. Рӯзи сешанбе ягон кори навро оғоз накунед, беҳтараш корҳои нобасомонро ба анҷом расонед.



Мизон
25.09 - 22.10

Дар ин ҳафта мизонҳо дар бисёр масъалаҳо гузашт карда, ба фоидаи худ кор мекунанд. Дар масъалае нақши миёнаравро бозӣ карда, аз уҳдааш хеле хуб мебароед. Вақти хубест барои мустаҳкам сохтани муносибатҳои корӣ ва оилавӣ.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ҳафтаи нав хеле серкор мешавед. Дар ин рӯзҳо наздиконатон ба ғамхории шумо ниёз пайдо мекунанд. Рӯзи чоршанбе барои нафароне, ки ҷойи кори худро иваз кардан мехоҳанд, рӯзи муносиб аст. Мобайни ҳафта барои вохӯриҳои ошиқона ва шиносоӣ айёми хуб аст.



Қавс
25.11 - 21.12

Аввали ҳафта вазнину дилгиркунанда мебошад. Шуморо лозим мебошад, ки кори табъи дилатон набударо иҷро кунед. Вазъиятро шахси дӯстдоштаатон тағйир медиҳаду дар натиҷа муҳаббататон ба ӯ бештар мегардад. Дар ҷойи кор сабру тамкинро пеша намоед.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Аввали ҳафта тамоми корҳоятон бобарор анҷом ёфта, атрофиён ба шумо ҳасад мебаранд. Диққати худро ба аҳли оилаи худ равона созед. Хусусан агар ба наздикӣ дар оилаатон нофаҳмие рух дода бошад, замони оштишавӣ ва рафъи нофаҳмиҳо фаро мерасад.



Далв
21.01 - 19.02

Далвҳо дар ҳафтаи нав вохӯриву сафарҳои зиёд доранд. Нафарони наву аҷибе дар ҳаётатон пайдо мешаванд. Миёнаи ҳафта барои харид кардани ҷиҳози хона мусоид аст. Нафаре, ки пештар шуморо ранҷонида буд, узр мепурсад, вале ба гапаш бовар накунед.




Ҳут
20.02 - 20.03

Қабл аз кореро ба анҷом расонидан сад бор андеша намоед. Рӯзи душанбе ақидаи худро оромона баён кунед, вагарна атрофиёнро сахт меранҷонед. Дар ин даврааи умр дар баробари кор кардан истироҳатро низ фаромӯш накунед.

АНГУШТАРИИ НИКОҲ

Чаро онро дар ангушти чорум мегузаронанд?



Ангуштро дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ чиллик, лелак ҳам мегӯянд. Дар ҳар забони дунё ангуштони дастони инсон номҳои худро доранд. Инро дар мисоли номи ангуштон ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ дида мебароем:

1. Большой палец - нарангушт, ангушти калон.

2. Указательный палец - ангушти ишорат, ангушти ишоратӣ, ангушти саббоба, ангушти шаҳодат.

3. Средный палец - ангушти миёна (миёналелак).

4. Безымянный палец - ангушти беном, ангушти чорум, ангушти бинсир.

5. Мизинец - ангушти хурд, ангушти хинсир.

Агар касе ангушти шашум дошта бошад, онро ангушти зиёдатӣ ва ё ангушти зоид мегӯянд.

Чаро ангуштарии никоҳиро ба ангушти чорум мегузоранд? Ин чӣ рамзу маъно дорад? Барои инро аниқ кардан, як ривояти чинӣ мадад мерасонад. Тибқи ин устура кафи ду дастатонро ба ҳам сахт ҷафс мекунед, ки ҳар ангушти ду даст рӯ ба рӯи ҳамдигар қарор гиранд. Ба оҳистагӣ ангуштони калон - нарагуштҳоро аз ҳам дар ҳолати фишор додан дур кунед. Ангуштони калон аз ҳам ҷудо мешаванд. Тибқи устура ангуштони калон ва ё нарангуштҳо рамзи падару модар ҳастанд. Ин маънои онро дорад, ки рӯзе аз онҳо ҷудо мегардӣ.

Баъди ин ангуштони ишоратӣ, ангуштони шаҳодатро аз ҳамдигар дур кунед. Ин ду ангушт ҳам дар ҳолати фишор додани ду кафи даст аз ҳамдигар ҷудо мешаванд. Дар асотири чинӣ ангуштони ишоратӣ рамзи хоҳарон ва додарон ҳастанд, ки онҳо ҳам рӯзе аз ту дур мегарданд ва ба дунболи корҳои худ мераванд.

Баъдан ангуштони хурдро дар ҳолати фишор додани дастҳо аз ҳам дур кунед. Инҳо ҳам ба осонӣ аз ҳамдигар дур мешаванд. Ангушти хурд рамзи фарзандон аст, ки рӯзе онҳо ҳам аз назди падару модар дур мешаванд.

Ангуштони чорум бошанд, дар ҳамин ҳолат чӣ қадар кӯшиш кунед, аз ҳам ҷудо намешаванд. Ин рамзи ҳамсари шумо аст, яъне рамзи ҳамрадифи зиндагӣ. Ангушти чорум байни ангушти миёна ва ангушти хурд қарор дорад, яъне байни шумо ва фарзандонатон. Ангушти миёна бошад, рамзи худи шумост, яъне он худатон ҳастед.

Тибқи ин асотири чинӣ ангуштарии никоҳӣ, ки рамзи аҳди ҳамсарист, бояд дар ангушти чорум қарор гирад.

Дар байни сокинони Мисри Қадим чунин андеша роиҷ буд, ки ангушти чорум ва ё худ ангушти беном бо дил пайваст аст. Ангуштарии никоҳиро дар ангушти беном барои ҳамин мегузоштанд, ки он ба дил пайванд мегашт.

И. РАҲИМОВ,
фарҳангшинос

ОБИ ДАРИ ХОНА ҚАДР НАДОРАД...

Ё бардоште аз осоишгоҳи “Шоҳамбарӣ”

Муддатест, ки бо ҳамсарам, ба қавли шоир Лоҳутӣ “бо ёри Масчоиям” дар осоишгоҳи “Шоҳамбарӣ” барои барқарорсозии саломатиамон истироҳат карда истодаем. Дар ҳақиқат, мардуми тоҷик беҳуда нагуфтааст, ки “Оби дари хона қадр надорад”, ё “Оби дари хона хира”.



Мо дар тӯли умри худ (81 сол) ба чандин осоишгоҳҳои хориҷию дохилӣ рафтем (ман ному макони онҳоро дар ин ҷо намеорам, зеро мабодо ба иззати нафси касе аз роҳбарони онҳо расад). Аммо лутфу мехрубонию рафтору муомила ва тарзи муолиҷае, ки дар осоишгоҳи “Шоҳамбарӣ” дидем, муқоисанашаванда аст.

Осоишгоҳи “Шоҳамбарӣ” дар ҷои хушбодуҳавои деҳаи Дарозӣ, ҷамоати деҳоти Алмосии ноҳияи Ҳисор ҷойгир аст. Бинои якуму дуюми осоишгоҳ панҷошёна буда, бо санги мармар зебу зиннат дода шудааст. Ин ду бино, асосан, аз ҳуҷраҳои якутоқа ва дуутоқа иборат буда, асосан, барои хоб ва истироҳати беморон омода карда шудааст. Таҷҳизоте, ки дар ин ҳуҷраҳо муҳайё карда шудаанд, хеле дилкашу зебоянд. Илова бар ин, барои муолиҷаи истироҳаткунандагон бинои алоҳидаи ташхисӣ-табобатӣ мавҷуд аст, ки дар он муоинаи сабти барқии дил (ЭКГ), ташхиси ултрасадоӣ (УЗИ), ташхиси мукаммали хун, пешоб ва ғайра, вибромассаж, масҳи табобатӣ, сӯзаншифоӣ, муолиҷаи рӯдаҳо, хоби барқӣ, биоэлектромассаж, ваннаи барқӣ, обшифоиҳо, табобат бо дастгоҳҳои физиотерапевтӣ, муми кӯҳӣ (озокерит), оби маъданноки шифо ва ғайра гузаронида мешавад.

Дар осоишгоҳ табибони ботаҷриба, ҳамшираҳои меҳрубону мушфиқ ва кормандони ғамхору соҳибкасб ба истироҳаткунандагон хизмат мекунанд. Пеш аз қабули муолиҷа табибон ба ҳар як истироҳаткунанда роҳ ва нозукиҳои гирифтани табобатро мефаҳмонанд, зеро муолиҷа танҳо дар ҳолати вазъи хуби организм қобили қабул аст.

Дар осоишгоҳи “Шоҳамбарӣ” ҳар бегоҳӣ, баъди хӯроки шом дар ҳавлии бинои якум барои истироҳаткунандагон консерти калоне барпо карда мешавад, ки хоҳишмандон метавонанд рақс кунанд, лутфу зарофатгӯӣ намоянд. Илова бар ин, роҳбарияти осоишгоҳ сари ҳар чанд вақт ҳофизҳои машҳури ҷумҳуриро аз Душанбе даъват менамояд, то ки хотири истироҳаткунандагонро болида гардонанд. Дар муддате, ки дар осоишгоҳ будем, ду ҳофизи номии тоҷик - Маҳбуба Бобоҷонова ва Иззат Шарифӣ дар назди истироҳаткунандагон ҳунарнамоӣ намуданд. Мудири бахши фарҳанги осоишгоҳи “Шоҳамбарӣ” Вазирбек Наимов, ки дар ҳақиқат худ наттоқи хубу зарофтагӯйи гуворо ҳам ҳаст, ҳар шом хотири ҷамъомадагонро шод менамояд. Дар ҳавлии осоишгоҳ бинои Амфитеатр қомат рост кардааст, ки шоми 22-юми июн бо иштироки ҳунарманди шинохтаи эстрадаи тоҷик Михаил Ломоносов ва гурӯҳи ҳаҷвнигорони маҳбуби мо - Ғарибшоҳ-компания шоу-барномаи консертӣ барпо гардид.

Дар осоишгоҳ “Беҳтарин табиби халқии Тоҷикистон дар соли 2010”, “Ғолиби озмуни беҳтарини Тоҷикистон дар соли 2013” Мирзоюсуф Тоҳирӣ ва табиби меъдаю рӯда (терапевт) Умеда Аҳмадзода фаъолият мекунанд, ки дар байни истироҳаткунандагон обрӯ ва эътибори хеле зиёд доранд. Мирзоюсуф Тоҳирӣ дар баробари табиб будан шоири хуб ҳам ҳаст ва бо тахаллуси “Шоиқи Зарафшонӣ” шеър эҷод мекунад.

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология,
профессори ДМТ, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон

Мавлудномa

• 20 июл •

Хушдили Абдулғафур (1953), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Муяссара Бобохонова (1943), 80-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи иқтисод.

Алӣ Девонақулов (1928-2010), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Ғуломҷон Мирзоев (1943), 80-солагии зодрӯзи файласуф.

Собирҷон Наврӯзов (1958-2013), 65-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ.

Аҳмадҷон Раҳматзод (1953), 70-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Одинашоҳ Солеҳов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Сулаймон Султонов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

• 21 ИЮЛ •

Зоҳидбек Инъомҷонов (1908-1983), 115-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

• 22 ИЮЛ •

Иля Петрушевский (1898-1960), 125-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Фаттоҳ Одинаев (1938-2001), 85-солагии зодрӯзи оҳангсоз, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Борис Трусевич (1893-1966), 130-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

• 23 ИЮЛ •

Сабоҳат Каримова (1943), 80-солагии зодрӯзи муаррих.

Зулайхо Раҳимова (1923), 100-солагии зодрӯзи раққоса, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Муяссар Рофиева (1953), 70-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи биология.

Тоҷиддин Салимов (1968), 55-солагии зодрӯзи доктори илми ветеринарӣ.

• 24 ИЮЛ •

Саломон Баевский (1923-1999), 100-солагии зодрӯзи шарқшинос, муаррих.

Виктор Сапронов (1928-1998), 95-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Раҳима Ҷумъаева (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

• 25 ИЮЛ •

Раҳима Ашӯрова (1958), 60-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

Абдураҳмон Бегматов (1935-2001), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Николай Елисеев (1908-1983), 115-солагии зодрӯзи агроном, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Андрей Зелинский (1933), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

Инъом Норматов (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор, узви вобастаи АМИТ.

Саидалӣ Одина (1913-1990), 110-солагии зодрӯзи мутриб, сароянда.

Борон Худойдодов (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Муқаддам Ҳомидҷоновна (1928-2010), 95-солагии зодрӯзи муаррих.

Нерсес Нерсесян (1898-1987), 125-солагии зодрӯзи шарқшиноси арман, муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

• 26 ИЮЛ •

Барно Ғайбуллоева (1958-2009), 65-солагии зодрӯзи журналист.

Утавалӣ Каримбоев (1913-1979), 110-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Қамариддин Маъруфӣ (1913-1973), 110-солагии зодрӯзи журналист, мутарҷим.

Самеъ Самадов (1938-2013), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Қурбон Ташрифов (1928-1987), 95-солагии зодрӯзи журналист.

Зафар Умаров (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Бӯрибеки Худойбахш (1958), 65-солагии зодрӯзи нависанда, журналист.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

МЕФУРӮШАМ

►ҲАВЛӢ

►Ҳавлӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сот. замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳоз, дарову зиндагӣ кун ё бо хонаи 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

НИЁЗ ДОРЕМ

►Ба ронанда - экспедитор, менеҷер оид ба фурӯши нӯшокиҳо ниёз дорем. Тел.: 900-013-013, 907-68-99-99

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Раибова Зулайхо, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. 1 гузаргоҳи Ҳувайдуллоев 60, ҳ. 15, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Аттестати синфи 9 Т-АТА №7082386 ба номи Султонов Ҳамидулло Ҳабибуллоевич, соли хатм 1998, ки аз ҷониби МТМУ №11-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯш бо реестри №1/20222-232 ба номи Эмомалиев Амирҷон Хуршедович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, хиёбони Рӯдакӣ 17/12, ки моҳи майи соли 2022 дар Идораи нотариалии н. Шоҳмансур ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Собиров Неъматулло Мухторович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Каленин, хонаи истиқоматии 28 эътибор надорад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (кассовый аппарат) Меркури 130Ф, №171420, ба номи ҶДММ "Ҷавоҳир", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандии А47113581 ба номи Кабутова Кумуш Лиёсовна, ки санаи 28.04.2008 аз ШКД н. Қубодиён дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи №2М-63 ба номи Шарипова Кавгинисо Миралиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Машъал, хонаи 24, ки 11-уми апрели соли 2016 дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давалатии н. Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникии №19609 ва шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №8Д-9041 аз 21.07.1992 ба номи Муминжанова Мукарам Имом-Алиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Махсум 102, ҳ. 15, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шаванд.

►Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ ба номи шаҳрванд Рустамов Абдуҷабор Бурҳонович бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Шараф, хонаи 524, ки дар Идораи нотариалии ноҳияи Рӯдакӣ аз 10.11.1993 таҳти феҳрасти 3к-1551 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи ҳиссаи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-362 аз 26.04.2016, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Ҳоҷибоев Суҳроб Додоҷонович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Т. Зеҳнӣ, хонаи 5, квартираи 1 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи ҳадяи қисми хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 8Ш-3644 аз 10.09.2009, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Ғаниев Давлатманд Гулмаҳмадович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Қазоқон, хонаи 153 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Давлятов Хусейн Чакаевич, РЯМ: 3330002161, РМА: 335094607, аз 14.01.2010, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулк аз 01.04.2009 №2716 ва Шиносномаи техникӣ ба номи Валиев Нурали Мирзоалиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ю. Вафо 122/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-УА №221603 ба номи Пиракова Саломат Аскаровна, соли таҳсил 1992-1993, ки аз ҷониби МТМУ №38-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Даминов Муҳаммадҷон Абдусатторович, РМА: 046768651, ки соли 2021 дар Нозироти андози н. Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 8Ш-2264 аз 27.06.2016, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Ҳасанова Зебо Давронҷоновна бо суроғаи ш. Душанбе, шаҳраки 82, кӯчаи Шамсӣ, хонаи 18/1, квартираи 44 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи гузашти сармояи оинномавии ҶДММ "ТВ Ориёнур" 3Ғ 90 аз 11.09.2018, ки онро идораи нотариалии давлати шаҳри Панҷакент тасдиқ кардааст аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Programme Specialist (Job ID: 11405/FTA-NOC); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 27 July 2023 NY time (or 28 July 2023, 08:59 AM TJK time)**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

ФУТБОЛ

БОЗИИ ДӮСТОНАИ ТОҶИКИСТОН БО СИНГАПУР



Федератсияи футболи Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи футболи Сингапур дар бораи баргузории як бозии дӯстона миёни тимҳои миллии ду кишвар дар моҳи сентябр ба мувофиқа расиданд.

Бозии дӯстона миёни тимҳои миллии Сингапуру Тоҷикистон 8-уми сентябр, дар рӯзҳои FIFA, дар Сингапур баргузор шуда, соати 19:30 ба вақти маҳаллӣ (соати 16:30 ба вақти Душанбе) оғоз мешавад.

Пештар дастаҳои Сингапур ва Тоҷикистон се бор бо ҳам вохӯрдаанд. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар мусобиқаи интихобии Ҷоми Осиё-2023 (1:0) пирӯз шуда, дастаи мунтахаби Сингапур (2:0) дар мусобиқаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2010 ғолиб омадааст. Як вохӯрӣ байни ин дастаҳо дар марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2010 мусовӣ (1:1) анҷом ёфтааст.

ФУТЗАЛ

ЗАМОНИ ОҒОЗИ БОЗИҲОИ CAFA FUTSAL CUP-2023 ТАСДИҚ ШУД

Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ вақти оғози бозиҳои мусобиқаи «CAFA Futsal Cup-2023»-ро, ки аз 23 то 28-уми июл дар Қасри теннис ва маҷмааи варзиши обии Душанбе баргузор мешавад, тасдиқ кард.

Дар ин мусобиқа дастаҳои мунтахаби шаш кишвари минтақа - Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Афғонистон ширкат мекунанд. Дар доираи мусобиқаи «CAFA Futsal Cup-2023» дар маҷмуъ 15 бозӣ баргузор мешавад. Мусобиқа аз рӯйи системаи даврӣ дар як марҳила баргузор мешавад. Дастаи ғолиб аз рӯйи шумораи бештари холҳо муайян мегардад.

Даври 1. 23-юми июл
Қирғизистон - Афғонистон
Эрон - Туркманистон
Ӯзбекистон - Тоҷикистон
Даври 2. 24-уми июл
Эрон - Қирғизистон
Ӯзбекистон - Афғонистон
Тоҷикистон - Туркманистон
Даври 3. 26-уми июл
Туркманистон - Ӯзбекистон
Афғонистон - Эрон
Тоҷикистон - Қирғизистон
Даври 4. 28-уми июл
Эрон - Ӯзбекистон
Қирғизистон - Туркманистон
Афғонистон - Тоҷикистон
Даври 5. 30-юми июл
Туркманистон - Афғонистон
Ӯзбекистон - Қирғизистон
Тоҷикистон - Эрон



ҶОМИ ФФТ

ДАСТАҲО БАРОИ 10 ҲАЗОР СОМОНӢ МУБОРИЗА МЕБАРАНД

Аз 19-уми июл дар шаҳри Душанбе мусобиқаи футзал барои дарёфти Ҷоми Федератсияи футболи Тоҷикистон оғоз шуд. Маблағи умумии ҷоизаҳои мусобиқа 10 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.



Дар мусобиқа 12 даста дар се гурӯҳ бозӣ мекунанд. Ба гурӯҳи «А» «Вавилон», «Абдураҳмон», «Мавлоно» ва «Сайёҳ» шомил шудаанд. Дар гурӯҳи «В» дастаҳои «Рахш-Таксӣ», «Зет-Мобайл», «Амонатбонк» ва «Олуча-Таксӣ» мубориза мебаранд. Гурӯҳи «С» аз «Ориёнбонк», «Мустафо», «Бойгонӣ» ва «Соро компания-2» иборат аст.

Дар марҳилаи гурӯҳӣ дастаҳо аз рӯи системаи даврӣ дар як марҳила бозӣ мекунанд. Сипас аз ҳар гурӯҳ ду даста ва инчунин ду дастаи беҳтарини ҷойи сеюм ба даври чорякниҳоӣ роҳ меёбанд. Дар марҳилаи плей-офф рақобатҳо аз рӯи низоми олимпӣ баргузор мешаванд.

РЕЗААХБОР

Тайсон Фюри ва Фрэнсис Нганну 28-уми октябр дар Арабистони Саудӣ ба ринг мебароянд. Моҳи декабри соли 2022 Тайсон Фюри тариқи нокаути техникӣ дар раунди даҳум Дерек Чисораро мағлуб карда буд. Фрэнсис Нганну моҳи январи соли 2023 аз UFC канор рафт. Рақобати охири ӯ моҳи январи соли 2022 шуда буд, ки ӯ Сирил Ганро ном кард.

***



Аҳтам Назаров шартномаашро бо клуби «Андиҷон»-и Ӯзбекистон, ки аввали мавсим баста буд, қатъ кардааст. Ин бозигари дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо сабабҳои мушкил дар вазъи оилавиаш ба клуб муроҷиат кардааст. Клуб ҳам бо ӯ ба мувофиқа расидааст. Назаров дар ҳайати «Андиҷон» дар панҷ вохӯрии Супрелига ва як вохӯрии Ҷоми Ӯзбекистон ширкат кардааст.

***

Шиноварони Тоҷикистон дар Чемпионати ҷаҳонии варзишҳои обӣ, ки дар Фукуокеи Ҷопон баргузор мешавад, ширкат мекунанд. Варзишгарони Тоҷикистон аз ҳисоби квотаи Федератсияи байналмилалии варзишҳои обӣ ба ин мусобиқа



даъват шудаанд. Фахриддин Мадкамов ва Екатерина Бордачева Тоҷикистонро намояндагӣ хоҳанд кард.

***

Бори аввал як дастаи Осиёи Марказӣ бо дастаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бозии дӯстона анҷом медиҳад. Моҳи сентябр дастаи мунтахаби Ӯзбекистон бо дастаҳои ИМА ва Мексика қувва месанҷад. Дар ҳамин замон ӯзбекҳо бояд бо Булғористон бозӣ мекарданд, аммо ситоди мураббиҳо таминҳоро ба ИМА кӯчониданд.

Галстук

Зан ба шавҳар мегӯяд:

- Аҳмадҷон, ман 3 метр шёлк харидам, бароят галстук медӯзонам.

Шавҳар мегӯяд:

- Барои чӣ матоъро ин қадар бисёр харидӣ?

Зан мегӯяд:

- Ҳеҷ гап не, аз боқимондаш барои ман курта медӯзонем.

Истодагарӣ

Омӯзгор аз Аҳмадҷон мепурсад:

- Замин чӣ гуна шакл дорад?

Аҳмадҷон мегӯяд:

- Даврашакл.

Омӯзгор:

- Инро чӣ гуна исбот мекунӣ?

Аҳмад дар ҷавоб:

- Бигзор чоркунҷашакл бошад, ман истодагарӣ намекунам.

Ғижжак

Марде ба хонаи ҳамсоя занг зада, мегӯяд:



- Бахшиш, шумо ин бегоҳӣ ба ман ғижжаки худро дода метавонед?

Ҳамсоя ҳайрон мешавад:

- Шумо мехоҳед ғижжакнавозиро омӯзед?

Мард мегӯяд:

- Не, ман мехоҳам аз хоб сер шавам.

Ронанда

Аз марде мепурсанд:

- Шумо чикора ҳастед?

Мард мегӯяд:

- Ман ба одамон барои ёфтани ҷои худ дар зиндагӣ кумак мерасонам.

Боз мепурсанд:

- Пас, шумо равоншинос ҳастед?

Мард мегӯяд:

- Ман ронандаи таксӣ.

Писари мо

Зану марде оиладор мешаванд. Ҳардуяшон аз никоҳи аввал соҳиби якфарзандӣ ҳастанд. Бо мурури вақт фарзанди худашонро ба дунё меоранд. Кӯдакон ба воя расида, дар кӯча бозӣ мекунанд. Рӯзе мард занашро ба назди тиреза даъват карда, мегӯяд:

- Занак, нигоҳ кун, писари туву писари ман писари моро мезананд!

Толори холӣ

Аз ҳунарманде пурсиданд:


- Чаро ҳамеша нақши нафарони нобиноро мебозед?

Ҳунарманд мегӯяд:

- Намехоҳам толори холиро бубинам.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





Инсоф

Бо дидани нархи гӯшт аз гӯштфурӯше пурсидам:

- Инсоф дорӣ?

Гуфт:

- Не, ман фақат гӯшт мефурӯшам.

Биринҷи оббардор

- Шефа кайфияташон чӣ хел?,- пурсидам аз котибае.

Гуфт:

- Наздашон надароед, ки шефа феълашон омадагӣ.

- Эҳа, бо чува?

- Шӯхии дирӯзаатон ба шеф нафорид,- гуфт норозиёна.- Аз шумо хафа шуданд.

- Бахшиш,- гуфтам.- Ман гумон кардам, ки шефи шумо биринҷи оббардор бошад.

Ин саг аз ман зӯртар будааст

Ба хонае меҳмон шудем, ки соҳибхона саги немисие дошт. Саг ҳар замон думашро ликонда-ликонда назди мо меомад ва ба қавли соҳибаш, “хуш омадед” мегуфт. Мо бошем, аз наздамон ӯро дуртар ронданӣ шуда, ҳар замон “тур, тур” мегуфтем. Соҳибхона моро дилпур карданӣ шуда, гуфт:

- Ин саг саги бисёр орому хушмуомила аст. Ҳатто хӯрокашро бо мо якҷоя мехӯрад. Ҳар сол аз духтур мегузаронем ва маълумотнома мегирам.

- Номаш чӣ аст?,- пурсид ҳамроҳам.

Гуфт:

- Номаш Ҷими. Ҳам шиносномаи русӣ дорад ва ҳам тоҷикӣ.

Ҳамроҳам бо дасташ сагро силакунон гуфт:

- О ин саги шумо аз ман зӯртар будааст-ку!

- Чӣ хел зӯртар?,- ҳайрон шуда пурсид.

Хандида, гуфт:

- Ин ду паспорт дорад, ман якто ҳам надорам.

Имтиёз

Муаллиме аз ман пурсид:

- Рост аст, ки муаллимон дар табобат имтиёз доранд ва доруворӣ барои онҳо ройгон аст?

- Бале,- гуфтам бо ханда.- Истеъмолаш ройгон. Фақат вақти харидан пул медиҳӣ.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА